ХОНАНДАИ ТОҶИК ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН ШУД с.10

СОХТМОНИ НБО “РОҒУН” КАЙ ПУРРА АНҶОМ МЕЁБАД? с.7

ГАЗ КАМЧИНУ МАҲСУЛОТ ГАРОН. ЧАРО? с.3





# ТОҶИКИСТОН

№34 (1545)
23.08.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~


# НИМПАЙКАРАИ РӮДАКӢ ДАР ЧИН

## Дар Душанбе 4 ЭСТАКАДАИ НАВ бунёд мешавад




СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —

M.O.O. Group

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновари дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33



ДАР ИН ШУМОРА:

**СИЁСАТ**
Ваколати Сафири Эрон дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Сафири нав кист? с.2

**51 000 СОМОНӢ ХИЗМАТИ ПУЛАКИИ ҲАРБӢ**
Сафи талабгорон дар Тоҷикистон коҳиш меёбад? с.3

**ШАҲОДАТНОМАИ ТАВАЛЛУД**
Аз ҳушдори прокуратура то ҷаримаи волидайн с.4

**ВОКУНИШ**
Бенизомӣ дар “Садбарг” аз байн меравад с.5

**БАДАХШОН**
Чӣ дидему чӣ шунидем? с.8

**ҲУҚУҚ**
Тоҷик ҳамватанашро дар муҳоҷират гаравгон гирифт с.11

**КАНЗИ ШИФО**
Арақ кардани мард нишонаи беморист? с.12

Рустам Ғаниев:

## МАОШИ ОМӮЗГОРОНРО БАЛАНД БАРДОШТЕМ

**Аз 1-уми июли соли равон филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби суратҳисоби махсуси худ маоши омӯзгоронро 20 фоиз зиёд кард.**

Директори филиали донишгоҳи мазкур Рустам Ғаниев дар сухбат ба Pressa.tj гуфт, ки «ин тасмим дар пайравӣ ба иқдоми Пешвои миллат дар мавриди аз 1-уми июли соли 2023 зиёд намудани маош, нафақа ва стипендия дар Тоҷикистон гирифта шуд».

Инчунин, Рустам Ғаниев изҳор дошт, ки барои дифои рисолаҳои номзадӣ 10 ҳазор сомонӣ ва барои рисолаи докторӣ 20 ҳазор сомонӣ хавасмандӣ пешбинӣ шудааст. Донишҷӯёни филиал, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро мегиранд, то 5000 сомонӣ мегиранд ва устодонашон бо 2500 сомонӣ мукофотонида мешаванд.

Таъкид гардид, ки ҳоло беш аз 90 фоизи донишҷӯёни равияи табиӣ дар ин филиал тариқи буҷавӣ таҳсил доранд.

## ҲАВОПАЙМОҲОИ БЕСАРНИШИН ДАР БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ РУСИЯ

**Русия мавзуи ҳавопаймоҳои бесарнишинро дар барномаи таълимии тайёрии ибтидоии ҳарбӣ дохил кард.**

Бино ба иттилои РИА "Новости", мавзуи кори бесарнишинҳо барои хонандагони синфҳои 10-11 таълим дода мешавад. Дар барномаи таҳсил гуфта мешавад, ки муҳассилин бояд дар бораи усулҳои истифодаи ҷангии ҳавопаймоҳои бесарнишин ва иктишоф тасаввурот дошта бошанд. Инчунин, ба талабагони синфҳои болоӣ алгоритми кори бесарнишинҳои хариф омӯзонида мешавад.

Ин дар ҳолест, ки ахиран президенти Русия Владимир Путин дар доираи ҳамоиши байналмилалии "Армия-2023" ба мавзуи бесарнишинҳо низ таваҷҷуҳ карда буд. Ба гуфтаи Путин, ин самт ҳам дар бахши низомӣ ва ҳам дар бахши шаҳрвандӣ фаъолона рушд мекунад. Путин изҳор дошт, ки бозори маҳсулоти зеҳни сунъӣ дар кишвар дар ҳоли густариш аст ва ба масъалаи бесарнишинҳо таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

## ИДОРАИ НАВИ МЕГАФОН ДАР МАРКАЗИ ДУШАНБЕ

**Дар маркази пойтахт идораи раёсати минтақавии ширкати «МегаФон Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе ва НТМ кушода шуд. Суроғаи нав - хиёбони Рӯдакӣ 57.**

Дар ошёнаи якуми идораи нави барҳаво, инчунин, мавкеи коворкинг, яъне фазои кушод барои истироҳату фаъолияти сокинони Душанбе, ҷойгир шудааст. Дар он ҳар як меҳмон метавонад бо ноутбуки худ омада, болои роҳаткурсӣ нишинад ва масъалаҳои кориашро ҳал намояд. Ё дар байни кораш танаффус карда, биншинад ва аз як пиёла қаҳваи лазиз ҳаловат барад.

Кормандони зерсохторҳои раёсати минтақавӣ дар ошёнаи дуюми бино ҷойгир шудаанд. Фосилаи наздик ҳамкории онҳоро бо фронт-лайн осонтар карда, барои арзёбии ҳолисонаи хизматрасонии мизоҷон ва беҳтаршавии минбаъдаи фаъолият имкон медиҳад.



## ВАКОЛАТИ САФИРИ ЭРОН БА АНҶОМ РАСИД, САФИРИ НАВ КИСТ?

**Муҳлати ваколати дипломатии сафири Эрон дар Тоҷикистон Муҳаммадтақии Собирӣ ба охир мерасад.**

Ба ин муносибат вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтақии Собириро ба ҳузур пазируфт.

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо вазъ ва дурнамои тавсеаи равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Эронро мавриди муҳокима қарор додаанд.

Вазир ба сафири Эрон барои ҳамкории пурсамар сипосгузорӣ карда, изҳори боварӣ намуд, ки ӯ дар оянда низ дар таҳкиму густариши робитаҳои гуногунҷанбаи ду кишвар саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Муҳаммадтақии Собирӣ, сафири Эрон дар Тоҷикистон ҳам дар як паёми хайрбодӣ гуфт, ки "рӯзҳои фаъолияти кориям ба унвони сафири Эрон дар кишвари ҳамфарҳанг ва ҳамзабони Тоҷикистон ба шитоб ба анҷом расид".

Ӯ гуфт, ки "дар давоми қариб панҷ сол, ки маро вақт буд, бисёр талош кардам, ки оби ширини дӯстии ду кишвари тамаддунсози Эрон ва Тоҷикистон беш аз пеш равон ва зулол шавад".

Номбурда дар охири паёми худоҳофизиаш таманно кардааст, ки "муносибатҳои Эрону Тоҷикистон ҳамвора хуррамтару сабзтару шодобтар бошад ва аз газанди аҳриманону наҷафи душманон дар амон бимонад".

Ёдовар мешавем, ки Муҳаммадтақии Собирӣ моҳи марти соли 2019 ба сифати сафири Эрон дар Тоҷикистон таъйин гардида буд.

Бино ба иттилои расонаҳои Эрон, Алиризо Ҳақиқиён, мудири кулли АвруОсиёи Вазорати корҳои хориҷии Эрон имкон дорад, ки сафир дар Тоҷикистон таъйин шавад.

Ба навиштаи хабаргузории ИСНА, Алиризо Ҳақиқиён пеш аз ин сафири Эрон дар давлатҳои Арманистону Покистон будааст.

## САРИ САБЗ



**Ҷамолиддин АБДУЛЛОЗОДА, вазири тандурустии Тоҷикистон**

**- Бо мақсади беҳтар намудани заминаи моддию техникии коллеҷҳои тиббӣ тибқи Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030 корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст.**

- Офарин, ҷаноби вазир! Бисёр кори арзандаву саривақтӣ аст. Аз хотир набарояд, ки бисёр кишварҳои ҷаҳон ниёзманд ва талабгори кадрҳои тиббии моянд. Шумо заминаро беҳтар сохтаву кадрҳоро омода намоед, дигар худашон роҳашонро мeёбанд.



**Шонеъмат ҶАЪФАРХОНОВ, овозхони ҷавони тоҷик**

**- Ман суруди писандидатаринро интихоб карда наметавонам, зеро ҳама сурудҳоям мисли кӯдаканд, барои ман хеле азизанд. Ман ҳар яке аз онҳоро дӯст медорам.**

- Шуморо фаҳмидан мумкин. Барои ҳамин, як бор ақаллан аз 10-12 нафар бипурсед, ки кадом суруди шуморо меписанданд, ки бароятон хеле азиз бошад!? Баъди ин маълум мешавад, ки чанд нафар "кӯдакдӯстдор"-анд...



**Бӯрӣ КАРИМ, донишманди сиёсатмадори тоҷик**

**- Падари ман мегуфт, ки "писарам, дарахт дар як ҷо месабзад, бояд як ҷо кор кунед, аз тахти дил кор кунед. Шумо барои он кор накунед, ки касе мебинад".**

- Ҳмммм, ана акнун маълум шуд, ки барои чӣ касе натиҷаи ягон коратонро надида истодааст ягон нафар дар мавриди фаъолиятҳоятон ёдоварӣ ҳам намекунад. Маълум мешавад, ки мисли бисёриҳо дар як ҷо ва "аз тахти дил" кор карда истодаед.

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА, муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома маводи матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

**Ҳамасола бо наздик шудани мавсими даъвати ҷавонон ба сафи артиш ин масъала аз ягон ҷиҳат доғ мешавад. Имсол ҳам, гарчанде мавсим фаро нарасидааст, сарусадо атрофи хизмати ҳарбии пулакӣ "гарм" шуд.**




# 51 ҲАЗОР СОМОНӢ

## Боло рафтани арзиши хизмати ҳарбии пулакӣ сафи талабгоронро коҳиш намедиҳад?

### Тағйироти калон

Аз 1-уми сентябри соли 2023 арзиши хизмати ҳарбии пулакӣ дар Тоҷикистон 750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар мешавад. Маблағи мазкур бо назардошти нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар соли 2023, ки 68 сомонӣ муқаррар гардидааст, 51 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ин хусус аллакай қарори лозима қабул шудааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳоло маблағи хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои сафарбарӣ ё хизмати пулакӣ 420 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 28 ҳазору 560 сомониро ташкил медиҳад.

Яъне, акнун Ҳукумати кишвар бо ворид кардани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2021, №299 "Дар бораи "Тартиби адои хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ" ҳаҷми маблағ барои адои хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираи даъвати сафарбаркуниро аз 420 нишондиҳанда барои ҳисобҳои пешин ба 520 нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз кардааст.

Гуфта мешавад, ки қарори Ҳукумат дар бораи ворид кардани тағйирот рӯзи 31-уми июли соли 2023, таҳти №332 имзо шудааст.

### Тартиботи хос

Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон дар ду навбат, баҳор ва тирамоҳ ҷавонони аз 18 то 27-соларо барои хизмат дар артиш ҷалб мекунанд ва ин раванд тартиботи худро дорад. Дар навбати худ, хизмати ҳарбии пулакӣ ҳам дорои тартиботи хоси худ аст.

Қаблан Ҷовид Пирзода, ҳуқуқшиноси Вазорати мудофиаи Тоҷикистон гуфта буд, ки қабули шахрвандон барои адои хизмати ҳарбии пулакӣ дар доираи квотаи муқарраргардида амалӣ мешавад. Дар сурати аз доираи квота бештар мурочиат кардани аҳолӣ онҳо метавонанд дар даъвати минбаъда ба хизмати ҳарбии пулакӣ ҷалб шаванд.

Фаридун Маҳмадализода, сухангӯи Вазорати мудофиаи Тоҷикистон низ гуфта буд, ки квота ё нақша барои хизмати ҳарбии пулакӣ дар асоси қарори махсус то оғози мавсими даъвати ҳарбӣ муайян шуда, бо Сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон мувофиқа мегардад. Ӯ гуфта буд, ки нақша вобаста ба мурочиати аҳолӣ дар ҳар мавсими даъват каму зиёд мегардад.

"Вақте шаҳрванд ба комиссариати ҳарбӣ мурочиат мекунад, мебинанд, ки ӯ қобили хизмат аст ё не. Омӯзиш мегузаронанд. Масалан, баъзеаш донишҷӯ аст, қисми дигар беморанду ҳуқуқи ба таъхир гузоштани хизмати ҳарбиро доранд. Баъд мувофиқи квотае, ки барои комиссариати ҳарбӣ муайян шудааст, аввал нақша муайян мешавад",- афзуда буд мавсуф.

Ин масъули Вазорати мудофиа иттилоъ дода буд, ки пойгоҳҳои таълимиро зиёд карда истодаанд ва марҳила ба марҳила квота барои хизмати ҳарбии пулакӣ ҳам зиёд карда мешавад.

### Маблағ куҷо меравад?

Тавре ишора кардем, дар самти хизмати ҳарбии пулакӣ баҳсу баррасиҳо зиёд ва мухталифанд. Аз ҷумла, бисёриҳо ба масъалаи дар куҷо истифода шудани маблағи аз хизмати ҳарбии пулакӣ бадастомада таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Бино ба шарҳи Вазорати мудофиаи кишвар, маблағи пешбинишуда ба суратҳисоби махсуси Вазорати мудофиа тавассути "Амонатбонк" супорида мешавад. Расиди он бояд дар мухлати 5 рӯзи корӣ баъди супоридани ариза ба комиссариат пешниҳод гардад. Ҳамаи маблағро якбора бояд супорид.

Маблағе, ки барои хизмат дар ҳайати захираҳои сафарбарӣ ба суратҳисоби махсуси Вазорати мудофиа гузаронида мешавад, пеш аз ҳама, барои таъмини амволи шайъӣ, маводи хӯрокворӣ, сӯзишворӣ, лавозимоти ҷангӣ ва дигар намуди таъминот, ки ҳангоми гузаштани ҷамъомади якмоҳаи ҳарбии саҳроӣ пешбинӣ гардидааст, истифода мешавад.

Ҳамзамон, сарфи маблағи мазкур барои бунёди қисмҳои ҳарбии алоҳида дар ҳудуди гарнизонҳои ҷумҳурӣ, ташкили пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ, сохтмони бинову иншооти аҳамияти ҳарбидошта, таъмиру тармими онҳо, маоши афсарону кормандони таълимдиҳанда, хароҷоти маъмурӣ ва баҳри баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии дигар хизматчиёни ҳарбӣ равона мегардад.

Акнун, ки маблағи хизмати ҳарбии пулакӣ ба таври назаррас боло бурда шуд, шояд сафи талабгорон коҳиш ёбад. Аммо, бояд ёдоварӣ намуд, ки аз моҳи декабри соли 2022 то феврали соли 2023-юм 1 ҳазор ҷавони тоҷик бо пардохти қариб 27 млн сомонӣ хизмати ҳарбии пулакии тирамоҳиро адо карда буданд. Ҳамин тариқ, дар даъвати баҳории соли гузашта 1 ҳазору 200 ҷавони тоҷик бо пардохти 32 млн 256 ҳазор сомонӣ хизмати ҳарбии пулакиро адо кардаанд.

Ёдовар мешавем, ки соли 2021 парлумони Тоҷикистон Қонун "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ"-ро дар таҳрири нав қабул кард, ки тибқи он минбаъд шаҳрвандони синну соли даъватӣ метавонанд бо супоридани маблағи муайян ва адо кардани хизмати якмоҳаи ҳарбӣ ба сафи эҳтиётии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон шомил гарданд.

**Б. НЕЪМАТУЛЛО**

# ГАЗ КАМЧИНУ МАҲСУЛОТ ГАРОН

## Аҳолӣ аз мақомот танзиму назорат мехоҳанд

**Арзиши 1 литр гази моеъ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории шаҳри Душанбе аз 6 сомонӣ ҳам убур кардааст. Ронандагон бо нигаронӣ мегӯянд, ки моҳи гузашта 1 литр газ аз 3 сомонию 50 дирам - 4 сомонӣ бештар набуд. Аммо имрӯзҳо дар таблои нуқтаҳои фурӯш нарх ҳар замон боло меравад. Сокинони кишвар нигаронанд, ки дар пайи ин нархи маҳсулоти ниёзи аввал низ гарон мешавад.**

Аммо соҳибназарон боло рафтани арзиши гази моеъро ба коҳиши қурби рубл ва кишварҳои содиркунандаи ин навъи сӯзишворӣ вобаста медонанд. Ҳоло дар таблои нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории кишвар низ нархи газ ҳар лаҳза иваз мешавад. Масалан, дар Хуҷанд ва атрофи он як литр гази моеъ 5 сомонию 50 дирам, шаҳри Душанбе - 5 сомонию 80 дирам - 6 сомонӣ, дар шаҳри Бохтар 6 сомонӣ фурӯхта мешавад. Аммо бархе ронандагон мегӯянд, ки дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории Душанбе дар бештари маврид пайдо кардани гази моеъ мушкил шудааст.

Тоҷикистон асосан газро аз Қазоқистон ва Русия дастрас мекунад.

Бо сабаби пасту баланд шудани қурби рубл нархи гази моеъ дар кишварҳои истеҳсолкунанда тағйир ёфтааст. Аҳолӣ бошанд, аз мақомоти танзиму назорат дар бозор мехоҳанд, ки барои пешгирӣ аз болоравии нархи сӯзишворӣ чора андешанд. Аммо масъулони Хадамоти зиддиинҳисорӣ иддао доранд, ки маҳсулоти сӯзишворӣ дар ҷаҳон гарон шуда, Тоҷикистон ҳам истисно нест.

Ба андешаи Сафаралӣ Курбонзода, муовини сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон, арзиши гази моеъ дар Тоҷикистон аз қимати он дар кишварҳои тавлидкунанда вобаста аст, зеро Тоҷикистон ин навъи сӯзишвориро ворид мекунад.

"Воқеан, аз аввали моҳи август қимати гази моеъ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ боло рафтааст, аммо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба кишвар ҳудуди 170 ҳазор тонна



гази моеъ ворид карда шудааст",- гуфт Курбонзода.

Ба таъкиди ӯ, "дар нимсолаи аввали соли 2023-юм 14 ширкат ба интиқоли гази моеъ ба Тоҷикистон машғул буданд, ки дар миёни онҳо монополия вуҷуд надорад".

Бино ба маълумоти оморӣ, дар шаш моҳи аввали соли 2023 ба Тоҷикистон 73,47 фоиз аз Қазоқистон, 24,67 фоиз аз Русия ва 1,86 фоиз аз Ӯзбекистон гази моеъ ворид карда шудааст.

# ШАҲОДАТНОМАИ ТАВАЛЛУД

## Аз оғози муроҷиат то гирифтани он чиро бояд донист?

**Маҳмуд Шукуров, сокини шаҳри Душанбе соҳиби се фарзанд аст. Ӯ ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи таваллуд хеле мушкил кашидааст. Вай замоне дар фикри гирифтани шаҳодатнома шудааст, ки дар боғча ҳангоми қабули фарзандонаш талаб кардаанд.**



**ҲАҶМИ ПАРДОХТИ БОҶИ ДАВЛАТӢ, ХИЗМАТРАСОНӢ ВА БЛАНКИ ШАҲОДАТНОМА БАРОИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ**

| Намуди бақайдгирии давлатӣ ё дигар амалиёт вобаста ба сабт | Андозаи пардохт | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Боҷи давлатӣ (сомонӣ) | Хизматрасонии иловагии музднок (сомонӣ, дирам) | Бланки шаҳодатнома (сомонӣ, дирам) | Ҷамъ (сомонӣ, дирам) |
| Бақайдгирии давлатии таваллуд: - аз таваллуд то се моҳ | озод | 6 с. 80 д | озод | **6 с. 80 д.** |
| - аз семоҳа то яксола | озод | 6 с. 80 д | 13 с. 60 д | **20 с. 40 д** |
| - аз яксола то 16-сола | озод | 23 с. 80 д | 13 с. 60 д | **37 с. 40 д** |
| - аз 16-сола боло | озод | 40 с. 80 д | 13 с. 60 д | **54 с. 40 д** |

### Ҳам дарсу ҳам сарсонӣ

“Ду фарзанди аввалам пас аз чор соли таваллуд соҳиби шаҳодатнома шуданд. Вақте ки ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муроҷиат кардем, аллакай дер шуда буд. Барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ хеле даводав кардем. Ҷарима ҳам супоридем. Чунки дар вақташ барои гирифтани шаҳодатнома муроҷиат накардем”,-мегӯяд номбурда.

Ниҳоят ин сарсониҳо бароям дарс шуд. Ӯ ба фарзанди сеюмаш барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд дигар солҳо напоид. Пас аз як моҳи таваллуди фарзандаш ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ омад. Ҳамагӣ бо пешниҳоди чанд ҳуҷҷати тасдиқкунанда: нусхаи шиносномаи падару модар ва макони таваллуди фарзанд пас аз се рӯз шаҳодатномаро гирифтааст.

“Шаҳодатномаро ройгон гирифтам. Ин навбат ягон мушкилӣ накашидам”,- изҳор дошт номбурда.

Шояд мисли қаҳрамони ин матлаб нафарони зиёде хастанд, ки барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуди фарзандашон саривақт муроҷиат намекунанд. Дар ниҳоят ҳам сарсон мешаванду ҳам ҷарима месупоранд.

### Аз ҳушдори прокуратура то ҷаримаи волидайн

Ҳоло ҳолатҳои ҷаримаи волидайн ҳангоми саривақт нагирифтани шаҳодатномаи таваллуд барои фарзандонашон ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, як сокини ноҳияи Восеъ барои сабти ном накардани духтараш дар идораи САҲШ ва нагирифтани шаҳодатномаи таваллуд 192 сомонӣ ҷарима шудааст. Мақомот аз ин сокини ноҳияи Восеъ Воҳид Тоштемиров ном мебаранд, ки ба духтараш Фараҳноз Тоштемирова бо гузашти ду сол шаҳодатномаи таваллуд нагирифтааст. Чунин қонуншиканиро Прокуратураи ноҳияи Восеъ зимни санҷиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ошкор кардааст.

Вобаста ба ин, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки дар асоси талаботи қонунгузорӣ, волидайн вазифадоранд фарзандони худро дар давоми се моҳи баъди таваллуд дар идораи САҲШ сабти ном кунанд ва шаҳодатномаи таваллуд гиранд.

### Омор ва роҳҳои гирифтани шаҳодатнома

Бино ба маълумоти САҲШ-и Вазорати адлияи Тоҷикистон, давоми 10 моҳи соли 2022 (январ - октябр) 185 ҳазору 553 нафар кӯдаки то синни яксола ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин танҳо 144 ҳазору 980 нафар ё ин ки 77 дарсади навзодон дар давоми се моҳи аввал ба қайд гирифта шудаанд.

Дар 5 моҳи аввали соли равон бошад, 91784 кӯдаки то 1-сола ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 73878 кӯдаки то семоҳа соҳиби шаҳодатнома шудаанд. Яъне, волидайни дигар кӯдакон барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд шитоб ё ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муроҷиат накардаанд.

Шояд яке аз сабабҳои саривақт ба қайд нагирифтани тифли навзод аз ҷониби волидайн аз ноогоҳӣ ва надоштани дониши ҳуқуқӣ бошад. Бинобар ин, падару модари кӯдаки навзод бояд аз меъёрҳои қонун огоҳ бошанд ва донанд, ки бақайдгирии кӯдак ҳатмӣ ва ройгон аст. Чӣ тавр кӯдакро бояд ба қайд гирифт? Аз соли 2016 дар Тоҷикистон ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ идома дорад. Ислоҳоти мазкур маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба содда, дастрас ва қулай намудани тартиби бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бар мегирад. Яке аз марҳилаҳои муҳими татбиқи ислоҳоти мазкур баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба муҳимият ва сабти саривақтии асноди ҳолати шаҳрвандӣ мебошад.

Воқеан ҳам, баъзе аз падару модарон фаромӯш мекунанд, ки кӯдаки навзоди худро ба қайд гиранд, ки ин дар оянда метавонад боиси пайдо шудани мушкил ва ҳам сарфи маблағу вақти иловагӣ гардад.

Набояд фаромӯш кард, ки кӯдакони ба қайди расмӣ нагирифта қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Яъне, онҳо аз хадамоти асосие, ки давлат ба шаҳрвандони худ пешниҳод мекунад, бахусус хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тиббӣ, таҳсил ва ғайра маҳрум мешаванд.

Пас, қайди давлатии таваллуди кӯдак санади расмии муайянкунандаи ҳолати шаҳрвандӣ мебошад. Пас аз қайди расмӣ кӯдаки навзод соҳиби шаҳодатномаи таваллуд мешавад ва ин ҳуҷҷат шахсияти ӯро то гирифтани шиноснома тасдиқ мекунад.

Шиноснома низ дар асоси маълумоте, ки дар шаҳодатномаи таваллуд дарҷ мегардад, дода мешавад. Тибқи боби дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», ариза дар бораи бақайдгирии таваллуди кӯдак бояд на дертар аз се моҳ аз рӯзи таваллуди ӯ пешниҳод гардад.

Бартарии бақайдгирии давлатӣ дар давоми се моҳ дар он аст, ки варақаи шаҳодатномаи таваллуд ройгон дода мешавад. Ба онҳо танҳо пардохти хадамоти сабти таваллуд лозим аст.

Агар волидон пас аз се моҳ ариза пешниҳод намоянд, онҳо на танҳо барои бақайдгирии давлатӣ маблағ пардохт мекунанд, балки ҷарима низ месупоранд.

### Дар Суғд вазъ чӣ гуна аст?

Идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд ҳам мегӯяд, ки аз каммасъулиятии волидайн даҳҳо кӯдак аз сабти санади таваллуд берун мондаанд. Дар вилояти Суғд беш аз 1,6 ҳазор атфоли синни аз 1-сола боло то ҳол шаҳодатномаи таваллуд нагирифтаанд. Фарахманд Нарзизода, мутахассиси САҲШ дар вилояти Суғд мегӯяд, ки баъзе волидайн солҳо ба ин тараф дар гирифтани шаҳодатномаи фарзандони худ фориғболӣ мекунанд. Дар асоси маълумоти оморӣ, дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар шаҳру навоҳии Суғд таваллуди 25,8 ҳазор кӯдак ба қайд гирифта шудааст. Тибқи қонунгузорӣ нисбати волидоне, ки барои саривақт гирифтани санади таваллуди фарзандонашон бемасъулиятӣ зоҳир мекунанд, ҷарима дар ҳаҷми 3 - 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо татбиқ хоҳад шуд. Ҳоло як нишондиҳанда баробар ба 68 сомонӣ аст.

Кӣ барои шаҳодатнома муроҷиат мекунад?

Пас аз таваллуди кӯдак падар ё модараш бояд ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи истиқомат (ҷамоатҳо, дар ҳолати истиқомат дар деҳот) бо ариза муроҷиат намоянд. Агар падару модари кӯдак имкон надошта бошанд, аризаро метавонанд хешовандони яке аз падару модар ё шахси аз ҷониби падару модар ваколатдоршуда, мақомоти васоят ва парасторӣ, ё ки шахси мансабдори муассисаи тиббӣ, ки кӯдак дар он ҷо таваллуд ёфтааст ва ё аз тарафи шахси мансабдори муассисаи дигаре, ки модар дар давраи таваллуд дар он ҷо буд ва ё кӯдаки таваллудшуда дар он ҷо қарор дорад, пешниҳод кунанд.

Якҷо бо ариза бояд шаҳодатномаи тиббӣ дар бораи таваллуд, нусхаи дутарафаи шиносномаҳои падару модар (ё яке аз онҳо), нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ байни падару модари кӯдак пешниҳод карда шавад. Агар ҳуҷҷатҳои зикргардида давоми се моҳи пас аз таваллуди кӯдак пешниҳод карда шаванд, шаҳодатномаи таваллуди кӯдак ройгон ва дар муддати аз 1 то 5 рӯзи корӣ дода мешавад. Падару модаре, ки аризаро дар бораи бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар мӯҳлати то се моҳ пешниҳод намекунанд, тибқи қонунгузории Тоҷикистон ҷавобгаранд.

**У.РАҲИМЗОДА**

*Ҳамкорӣ*

# САФАРИ БОБАРОРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ЧИН

## $2 млн кумаку 4 эстакадаи нав дар Душанбе

**Рӯзҳои 21-23-юми августи соли равон раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо як сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қарор дошт.**



### Нишони эҳтиром

Нахуст раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар майдони Тянанмэни шаҳри Пекин бо нишони эҳтиром ба таърихи фарҳанг, маданият ва фарзандони қаҳрамони кишвари Чин дар назди Ёдгории қаҳрамонони халқӣ гулчанбар гузошт. Бино ба иттилои расмӣ, дар маросими гулчанбаргузорӣ раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалиро муовини раиси Комиссияи Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба масъалаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

### Душанбе боз соҳиби 4 эстакадаи нав

Ҳамин тавр, дар чаҳорчӯбаи сафари раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Чин вохӯриҳои ҷонибҳои расмӣ сурат гирифт. Санадҳое низ ба имзо расиданд, ки ба густариши ҳамкорӣ байни кишварҳо нигаронида шудаанд.

Рӯзи 21-уми август дар чаҳорчӯби вохӯрии Рустами Эмомалӣ бо раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқии ин кишвар Чжао Лэтзи масоили ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Чин баррасӣ шуд.

Пас аз анҷоми музокироти ҳайатҳо маросими имзои як қатор санадҳои муҳими ҳамкорӣ баргузор шуд. Аз ҷумла, аз ҷониби вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва муовини Раиси Агентӣ оид ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии Чин Дэн Бо Чин номаи табодулӣ оид ба чудо намудани кумаки молиявии Чин дар ҳаҷми 2 млн доллар имзо шуд. Ин маблағ барои сохтмони толори маҷлисгоҳ дар маҷмааи Ҳукумати Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, номаи табодулӣ оид ба таҳқиқи қаблии техникии лоиҳаи «Шаҳри ҳушманд» (Smart city)-и шаҳри Душанбе, сохтмону азнавсозии роҳ ва 4 эстакадаҳои нав дар пойтахт, таъмиру азнавсозии гузаргоҳи сарҳадии Тоҷикистону Чин «Кулма-Қаросу», азнавсозӣ ва сохтмони қитъаи роҳ аз деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнони ВМКБ то гузаргоҳи сарҳадии Тоҷикистону Чин «Кулма-Қаросу» ба имзо расид.

### Мулоқот бо Хан Чжэн

Зимни дидору гуфтушуниди раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо ноиби раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Хан Чжэн вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба, инчунин масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ баррасӣ гардидааст. Таъкид шудааст, ки муносибат бо Чин аз афзалияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор меравад ва Чин барои Тоҷикистон шарики боэътимоди стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Зикр гардидааст, ки Тоҷикистон ташаббуси стратегии Чин «Як камарбанд, як роҳ»-ро пуштибонӣ карда, дар доираи он ба густариши ҳамкории судманд, ки ба манфиатҳои аслии ду кишвар ва мардуми бо ҳам дӯсти онҳо равона гардидааст, назари нек дорад.

### Нақлиёти ройгон

Аз ҷониби сафири Тоҷикистон дар Чин Зоҳир Саидзода ва муовини вазири савдои Чин Лэн Ҷи бошад, санади супоридан ва қабули воситаҳои нақлиёти коммуналию сохтмонӣ пешниҳод шудааст. Воситаҳои нақлиёт ба тарзи ройгон, ҳамчун кумак аз ҷониби Ҳукумати ин кишвар ба Ҳукумати Тоҷикистон дода мешаванд.

### Боздид аз маркази “Шаҳри ҳушманд”

Инчунин, Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Ҳайдиени шаҳри Пекин аз Маркази намоишиву санҷишии «Шаҳри ҳушманд» боздид намудааст.

Дар вохӯрии Рустами Эмомалӣ бо раиси шаҳри Пекин Ин Юн байни Душанбе ва Пекин Ёддошти тафоҳум оид ба дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расидааст.

### Нимпайкараи Рӯдакӣ дар Чин

22-юми август раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Донишгоҳи забон ва фарҳанги Пекин ташриф овард.

Донишгоҳи забон ва фарҳанги Пекин яке аз қадимтарин ва бонуфузтарин муассисаҳои таълимии Чин ба шумор меравад.

Дар ҳамин донишгоҳ раиси шаҳри Душанбе зимни маросими ифтитоҳи нимпайкараи сардафтари адабиёти классики форсии тоҷик, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ иштирок намуд. Зимни суханронии худ Рустами Эмомалӣ зикр намуд, ки пас аз ҳазорсолаҳо низ ашъори Рӯдакӣ одамонро ба таҳкими дӯстии байни халқҳо ва тавсеаи муколамаи байни тамаддунҳо даъват менамояд.

Гуфта мешавад, ки лоиҳаи нимпайкара аз ҷониби ҳайкалтароши маъруф Юан Сикун омода карда шудааст. Дар поясанги нимпайкара бо забонҳои тоҷикӣ, чинӣ ва англисӣ сатрҳои зерини безгаванд аз ашъори устод сабт шудааст:

*То ҷаҳон буд аз сари
одам фароз,
Кас набуд дар роҳи
дониш бениёз.
Дониш андар дил чароғи
равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани
ту ҷавшан аст.*

*Вокуниш*

# БЕНИЗОМӢ ДАР “САДБАРГ” АЗ БАЙН МЕРАВАД

**Муассисаи давлатии коммуналии “Душанбенақлиёт-хадамотрасон” ба мақолаи “Пробка дар Садбарг”, ки дар шумораи №33 (1544), аз 16 августи соли 2023 дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” чоп шуда буд, вокуниш нишон дод.**

Ин ниҳод дар саҳифаи фейсбукиаш навишт, ки баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётӣ, коҳиш додани тамбашавии роҳу нақлиёт ва ба талаботҳои замони муосир мутобиқ намудани инфрасохтори соҳаи роҳу нақлиёт дар пойтахт яке аз ҳадафҳои муҳим ва аввалиндараҷаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба ҳисоб рафта, дар ин самт пайваста корҳои назаррас анҷом дода мешаванд.

"Метавон зикр намуд, ки доир ба риояи ҳатмии қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҳамлу нақли мусофирбарӣ ва пешгирии ҳолатҳои тамбашавии воситаҳои нақлиёт дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт дар асоси нақша-чорабиниҳои тасдиқгардидаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати иҷрои саривақтии қарорҳои дахлдори Раиси шаҳри Душанбе аз ҷониби кормандони сохторҳои марбутаи пойтахт гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, ҳамарӯза дар кӯчаву хиёбоҳои пойтахт рейдҳои муштарак гузаронида шуда, нисбати ронандагоне, ки ба қоидавайронкуниҳо роҳ медиҳанд, чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Аммо бо вуҷуди аз тарафи гурӯҳҳои корӣ пайваста андешидани чораҳои дахлдор ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ронандагон то ҳанӯз аз ҷониби аксарияти ронандагони воситаҳои нақлиёт қоидаҳои ҳаракат дар роҳ риоя нагардида, дар ҷойҳои муайян нагардида воситаи нақлиёти худро таваққуф намуда, ба дигар иштирокдорони ҳаракат дар роҳ монеа пеш меоранд ва маҳз чунин ҳолат аз ҷониби шаҳрванд Бобочон Шафеъ дар назди маркази савдои "Садбарг" мушоҳида гардидааст.

Доир ба ҳолати ҷойдошта дар асоси супориши Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, шахсони масъули соҳа аз назди маркази савдои "Садбарг" дидан намуда, ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта, фаъолияти гурӯҳи кории дар ин масир фаъолияткунанда пурзӯр намуда, дастур дода шуд, ки минтақаи мазкур ба таври доимӣ зери назорати гурӯҳи корӣ ва сохторҳои марбута қарор дода шавад.

Ҳамзамон зимни азназаргузаронии воситаҳои нақлиёти дар ин масир таваққуфнамуда, муайян карда шуд, ки қисми зиёди воситаҳои нақлиёти таваққуфнамуда аз харидорон ва савдогарони маркази савдои мазкур мебошад. Аз ин лиҳоз, дар минтақаи мазкур аз ҷониби масъулини соҳа бо шахсони масъули маркази савдои "Садбарг" ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дар ин самт ҷойдошта вохӯрӣ доир карда шуд. Қайд гардид, ки ҷиҳати бартараф намудани таваққуфи бенизоми воситаҳои нақлиёт дар маркази савдои "Садбарг" бо фурӯшандаҳои ин маркази савдо пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шавад.







Масъулини соҳаи нақлиёти мусофирбарии пойтахт бо истифода аз тамоми имкониятҳои ҷойдошта кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки баҳри боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётӣ дар пойтахт ва ҳамзамон аз байн бурдани камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешанд", - омадааст дар вокуниш.

*Луқма*



# БАРОИ ЗАРАРДИДАГОНИ КӮЛОБ ХОНА МЕСОЗАНД

**Масъулини шаҳри Кӯлоб ба сохтмони хонаҳои зарардидагони садамаи пуркурбонӣ оғоз кардаанд. Корҳои сохтмонии иншооти мавриди назар то шуруъи фасли зимистон ба охир расонида хоҳанд шуд.**

Бояд гуфт, ки 6-уми августи соли равон дар натиҷаи як садамаи наклиётӣ дар шаҳри Кӯлоб дастикам 10 кас ба ҳалокат расида, 13 нафари дигар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд. Ҳамчунин наклиёти боркаш ба чор хонаи истикоматии сокинон зарар расонидааст, ки дар натиҷа хонаҳо валангор шудаанд. Барои он сокиноне, ки хонаҳояшон валангор шудааст, манзили зист месозанд. Феълан корҳои сохтмонӣ дар хонаҳои навбунёд оғоз карда шудааст. Сомонаи Pressa.tj аз шуруъи корҳои сохтмонӣ дар манзили онҳое, ки дар натиҷаи садамаи пуркурбонӣ хонаҳояшон валангор шуда буд, хабар дода буд.

Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон барои ошноӣ бо оғози корҳои сохтмонӣ ба шаҳри Кӯлоб сафар карда, ҳамчунин аз аҳволи оилаҳои зарардида бохабар шуда буд. “Ҳеҷ вакт худро танҳо ҳис накунед. Давлату ҳукумат, бахусус Роҳбари давлат имрӯз ба ҳар як сокини Тоҷикистон ғамхорӣ зоҳир мекунад”,- гуфт вай.

Давлаталӣ Саид ба масъулин супориш додааст, ки хонаҳоро сари вақт ва бо сифати баланд бунёд кунанд. Хонаҳо аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Кӯлоб дар маҳаллаи Дӯстии шаҳри мавриди назар бунёд хоҳанд шуд.

**Машраби АЛОВИДДИН**

*Луқма*

# ҲУҶУМИ САГҲО БА ДЕҲАҲОИ ПАНҶАКЕНТ

**Чанд рӯзи охир дар деҳа ҳастам. Тайи ин чанд рӯз бо касе салом кунаму аҳвол пурсам, аз сагҳо шикоят мекунанд: “Саг имшаб гӯсолаи фалониро хӯрдааст”, “Субҳ фалонӣ говҷӯшӣ рафтааст, ки аз гӯсолааш фақат калла мондааст”, “Ба зани фалончӣ яке аз сагҳо ҳамла кардааст, болои дарахт баромада, ҷонашро раҳонидааст”… Чунин аст мавзуи суҳбати мардум.**

Имрӯз ҳақиқати ҳолро ҷӯё шудам. Маълум шуд, ки як села сагони вахшӣ дар соҳили дарёи Зарафшон камин гирифтаву шабҳо ба бузу гӯсфанд ва гӯсолаҳои сокинони деҳаҳои Навобод ва Қумоқи ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ ҳамла мекунанд. Сокинони ин деҳаҳо дар мавсими тирамоҳ гову гӯсолаҳояшонро ба заминҳояшон мебаранд ва шабона ҳам он ҷо мемонанд.

Ин сагҳо аз куҷо пайдо шудаанд?

Фарзияҳо зиёданд. Яке мегӯяд, ки ин галла аз 6 саги бадҳайбати даранда иборат аст, ки бо мошини “Портер” касе оварда партофтааст ва як сокини деҳа онро дидааст. Дигаре мегӯяд, ки шумораи сагҳо беш аз 20 асту бо мошини “Дулан” овардаанд.

Ин сагҳои гурусна рӯзона дар сояи дарахтон хобидаву шабҳо ба шикор мебароянд ва чун ба ҳайвони калон зӯрашон намерасад, гӯсолаҳоро меҳӯранд. То имрӯз беш аз 10 гӯсола аз деҳаҳои Навободу Қумоқ ба коми сагҳо рафтаанд.

Сокинони ин деҳаҳо ба сохторҳои марбута муроҷиат кардаанд. Мерган як сагро бар ивази 60 сомонӣ мепарронидааст. Аҳолии деҳаҳо маблағ ҷамъ карда додаанд, вале мерганҳо ба ҷойи сагҳои даранда сагҳои мулкиро куштa рафтаанд ва ҳамлаи сагҳо идома дорад.

Субҳи 18-уми август сагҳо ба гӯсолаи як сокини деҳаи Қумоқ дарафтодаанд. Мардҳо базӯр гӯсоларо аз коми сагони бадҳайбат халос кардаанд.

Сокинони деҳаҳо аз он нигаронанд, ки ин сагҳо ба одамон зарар наоранд. Чун гӯсолаҳоро ҳама ба хона оранд, одамон туъмаи ин сагҳои гурусна мешаванд. Махсусан кӯдакону навраcон, ки дар ин вақти таътил дар саҳро кор мекунанд.

Аз сохторҳои дахлдори шаҳри Панҷакент мехоҳем, ки ба ин казия расидагӣ кунанд ва мардумро аз фалокат наҷот диҳанд.

**Одил НОЗИР**

# ДАВЛАТАЛӢ САИД БА 16 ОМӮЗГОР СЕРТИФИКАТИ ЗАМИН ДОД

**Дар вилояти Хатлон машварати августии омӯзгорон баргузор гардид. Дар он Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон ва Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми кишвар иштирок доштанд.**

Раиси вилоят ба 16 омӯзгор сертификати замини наздиҳавлигӣ дод.

Бино ба иттилои масъулини мақомоти вилояти Хатлон, барои дастгирӣ ва ҳавасманд гардонидани омӯзгорон солҳои 2022-2023 ба беш аз 100 омӯзгори ҷавони шаҳру ноҳияҳои ин вилоят замини наздиҳавлигӣ дода шудааст. Аз ин миён бештар омӯзгорони ноҳияҳои Дӯстӣ, Кӯшониён ва Данғара соҳиби замин шудаанд.

# GREEN CARD-2023. АМРИКО ТЕЪДОДИ ҒОЛИБОНРО ЭЪЛОН КАРД

**Имсол аз Тоҷикистон 3 ҳазору 580 нафар барандаи “Green Card” ё корти сабзи Амрико шудаанд. Ин нисбат ба соли гузашта қариб 1 ҳазору 100 нафар ва назар ба 5 соли пеш қариб 2,2 ҳазор нафар бештар мебошад.**

Вазорати корҳои хориҷии Амрико бо нашри як гузориш хабар дод, ки дар соли 2023 дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳама бештар шаҳрвандони Ӯзбекистон барандаи “Green Card” гардидаанд: 5555 нафар.

Сокинони Ӯзбекистон соли гузашта ҳам пешсаф буданд: 5 ҳазору 511 нафар. Панҷ сол пеш 1 ҳазору 743 шаҳрванди Ӯзбекистон корти сабзи Амрикоро бурида буданд.

Дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамасола аз ҳама кам шаҳрвандони Туркманистон соҳиби “Green Card” мешаванд. Дар соли 2023-юм 1 ҳазору 313 нафар, дар соли 2022-юм 555 кас ва панҷ сол пеш 515 нафар туркманистонӣ соҳиби корти сабзи Амрико гардида буданд.

Ҳамин тарик, дар соли 2023-юм 4 ҳазору 464 шаҳрванди Қирғизистон ва 2 ҳазору 728 нафар шаҳрванди Қазоқистон соҳиби корти сабзи Амрико шудаанд. Соли гузашта 1 ҳазору 908 шаҳрванди Қазоқистон ва 2 ҳазору 846 шаҳрванди Қирғизистон барандаи “Green Card” шуда буданд. Ин рақам панҷ сол пеш дар Қазоқистон 1 ҳазору 584 нафар ва дар Қирғизистон 1 ҳазору 223 кас буд.

*Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# АМНИЯТИ СОМОНА ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

**"Афсона дар бораи аспи троянӣ миёни ҳакерҳои муосир онқадар маъмул шудааст, ки онҳо онро дар яке аз ҳамлаҳои маъмултарин ҷовидона кардаанд!"**

## Амнияти сомона чист?

Зери ин мафҳум мо метавонем маҷмӯи чораҳоеро бифаҳмем, ки ба бехатарии маълумот ва таъмини маҳдудияти дастрасӣ ба онҳо аз ҷониби шахсони сеюм, инчунин ба нигоҳ доштани коршоямӣ ҳангоми ҳамлаҳои интернетӣ ва муҳофизат аз вирусҳо нигаронида шудаанд.

Биёед ба намудҳои асосии таҳдидҳои муосир таваҷҷуҳ медиҳем.

## Осебпазирии худи сомона

Инҷо осебпазирии маъмултарин паролҳои оддӣ мебошанд, ки бо кӯшиши камтарин ба осонӣ шикаста мешаванд. Қоидаи оддиро дар хотир нигоҳ доред - дарозии парол бояд ҳамеша аз 8 аломат зиёд ва дорои ҳарфҳои гуногуну аломатҳои махсус бошад. Ин ба шумо захираи чандсоларо барои интихоби чунин пароли дигар кафолат медиҳад! Илова бар ин, сомонаҳо аксар вақт метавонанд аз ворид кардани рамзи тарафи сеюм муҳофизатнашаванда бошанд. Ба истилоҳи касбӣ, ин ба монанди сирояти XSS ва SQL садо медиҳад. Чунин код ба сомона масалан тавассути роботи мутаҳобила, фармоиш ё варақаи дархост ворид мешавад. Пешгирии оддӣ - ин рад кардани истифодаи қарорҳои худнависӣ ё суст ҳифзшуда дар сомона аст.

## Рад кардани хизматрасонӣ

Ин, яъне рад кардани хизматрасонӣ аз англисӣ айнан Denial of Service ё DDos аст. Ин намудҳои ҳамлаест, ки ҳадафашон, масалан, шикастани сахтафзор ё нармафзори шумо тавассути эҷод кардани шумораи зиёди муроҷиатҳо дар речаи автоматӣ мебошад. Нишонаҳои чунин ҳамлаҳо тӯлонӣ кушода будани сомона ё дар экрани браузер нишон додани хатои №500 мебошад. Танҳо мутахассисон метавонанд ин навъи ҳамларо тавассути филтр ва бастани суроғаҳои IP ё бо истифода аз нармафзори махсуси сервер пешгирӣ намоянд.

## Хатоҳои маъмурӣ

Аксар вақт навсозии сариваҳтии нармафзор ё конфигуратсияи нодурусти сервер ба он оварда мерасонад, ки ҳамлагарон ба осонӣ камбудиҳои системаро пайдо ва ҳакерӣ мекунанд. Навсозиҳо бояд хеле бодиққат баррасӣ ва мунтазам амалӣ карда шаванд, вагарна ба амнияти сомона хатари калон таҳдид мекунад. Зиёданд ҳолатҳое, ки агар намунаи кӯҳнаи нармафзор тӯли солҳо дар сервер кор кунад ҳам, бо он чизе рӯй намедиҳад, аммо ин аслан “бомбаи ҳаракаташ тадриҷӣ” аст, ки дар лаҳзаи номуносиб ба кор хоҳад даромад.

## Риоя нашудани қоидаҳои бехатарӣ

Дар дилхоҳ соҳа техникаи бехатарӣ вуҷуд дорад ва сомонаҳо низ истисно нестанд.

Риояи қоидаҳои оддӣ хатарҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

**1. Кӯшиш кунед, ки паролҳои муҳимро дар дастгоҳҳои худ нигоҳ надоред, онҳо метавонанд дуздида шаванд.**

**2. Аз компютере, ки аллакай аз вирусҳо сироят ёфтааст, ба қисми маъмурии сайт ё сервер ворид нашавед.**

**3. Маълумотҳои худро ба сомонаҳои фишингии қалбакӣ ворид насозед, қалбакӣ набудани сомонаро бо таваҷҷуҳ ба номи он дар сатри суроғаҳо бисанҷед, зеро, баъзан танҳо як аломат метавонад тағйир ёбад.**

## Тавсияҳои умумӣ оид ба муҳофизат

Корро бо сомонаи худ танҳо ба ширкатҳо ва мутахассисони боэътимод бовар намоед ва ба фрилансерҳои шубҳанок ё донишҷӯёне, ки нав ба омӯзиши IT шуруъ намудаанд, муроҷиат накунед.

Дастрасӣ ба сомонаро мунтазам тағйир диҳед ва нагузоред, ки шахсони беруна ба паролҳо даст ёбанд.

Ба кормандонатон асосҳои бехатариро омӯзонед ва худатон ҳам омӯзед. Инро мунтазам иҷро кунед, зеро намудҳои таҳдидҳо пайваста нав ва дониши шумо мунтазам кӯҳна мешавад.

# КОРВОНИ ИТТИЛООТӢ

## Сохтмони НБО-и «Роғун» соли 2029 пурра анҷом меёбад



**Корвони иттилоотии Тоҷикистон - тахти чунин унвон 21-уми август ҳайате бо шумули роҳбарону намояндагони васоити ахбори оммаи Тоҷикистон бо мақсади шиносоӣ бо дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ ба минтақаи Рашт сафар карданд.**



### Анҷоми 65%-и кор дар "Роғун"

Ҳайати моро дар даромадгоҳи шаҳри Роғун роҳбарияту фаъолон пешвоз гирифтанд. Сипас, бо вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳр, осорхонаи таърихӣ-кишоварзишиносӣ шинос шудем.

Ҳимматалӣ Бобохонов, директори осорхонаи мазкур зимни суҳбат гуфт, ки осорхона соли 1996 бунёд шудааст. Дар инҷо 1187 ёдгории таърихӣ нигоҳдорӣ мешавад.

"Дар осорхона гӯшаи махсус ба хотири сохтмони НБО-и "Роғун" ташкил шуда, аксҳо аз ҷараёни ин сохтмони нодири аср гирдоварӣ шудаанд",- гуфт роҳбари осорхонаи мазкур.

Сипас, ҳайати рӯзноманигорон бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар НБО-и "Роғун" шинос шуданд. Меҳмононро муовини директори истеҳсолии ҶСК НБО-и "Роғун" Қурбонназар Давронов роҳбаладӣ кард. Ӯ ба журналистон толори агрегатҳо ва макони корҳои васлу насби онҳо, сарбанд ва ядрои сарбанди асосӣ, қисматҳои баромадгоҳи нақбҳо ва дигар мавзеъҳои онро нишон дод.

Мавсуф изҳор дошт, ки ядрои сарбанд аз иншооти муҳими нерӯгоҳ ба шумор меравад. Корҳои сохтмониву васлгариро дар он мутахассисони ватанию хориҷӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ иҷро менамоянд.

Қурбонназар Давронов зимни суҳбат ба хабарнигори Pressa.tj гуфт, ки аллакай 65%-и корҳои сохтмону васлгарӣ анҷом ёфтааст. Тибқи лоиҳа соли 2029 корҳои сохтмонӣ дар нерӯгоҳ пурра анҷом хоҳанд ёфт.

Ба иттилои муовини директори НБО-и "Роғун", дар асоси дастури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз нерӯгоҳ қарор аст чархаи сеюми он моҳи ноябри соли 2025 ба



кор андохта шавад. Таъкид менамоем, ки чархаи аввали нерӯгоҳ 16-уми ноябри соли 2018 ва дуюмаш 9-уми сентябри соли 2019 аз ҷониби Пешвои миллат ба кор андохта шуд.

### Боғи фарҳангӣ дар Нуробод

Баъди ин, ҳайати рӯзноманигорон озими ноҳияи Нуробод шуданд. Онҳо дар шаҳраки Дарбанд бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар боғи фарҳангии ноҳия шинос гардиданд. Ин боғи фарҳангӣ бо маблағгузории Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и "Роғун"» сохта мешавад.

"Дар марҳилаи аввал муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, Нишони давлатӣ, Парчами миллӣ ва фаввораҳо сохта шудаанд. Дар айни замон корҳои сохтмонӣ дар майдончаи варзишӣ, ошхонаи миллӣ, майдончаҳои бозии кӯдакон ва насби таҷҳизоти истироҳату фароғат идома доранд",- гуфт О. Додаров, муовини раиси ноҳия зимни суҳбат бо Pressa.tj.

### Боғи интенсивӣ дар Рашт

Дар рӯзи дуюм журналистон ба ноҳияи Рашт сафар карданд. Ҳайати намояндагони васоити ахбори оммаро дар даромадгоҳи ноҳия муовини раис, масъулини мақомоти иҷроия ва фаъолон пешвоз гирифтанд. Сипас, онҳо вориди Боғи интенсивии ноҳияи Рашт гардиданд.

Боғи мазкур 5 сол пеш бо дастури Президенти кишвар аз ҷониби ҶДММ "Пайванд" дар ҳамбастагӣ бо Агентии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд шудааст. Масоҳати умумии боғ 30 гектарро ташкил медиҳад. Дар он 18 навъи мева, махсусан, анвои гуногуни себу хуч парвариш меёбад. Боғ аввалин намунаи боғи интенсивӣ дар водӣ буда, ба таври озмоишӣ бунёд шудааст.

Баъди шиносоӣ бо боғи мазкур ҳайати рӯзноманигорон аз вазъи таълиму тарбия дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон огоҳ шуда, дар атрофи мизи мудаввар мавзуи "Нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ: имконият, воқеият ва дурнамо"-ро баррасӣ карданд.



### Тоҷикобод рушд мекунад

Дар давоми рӯз ҳайати рӯзноманигорон ба ноҳияи Тоҷикобод рафта, бо дастовардҳои ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ ошно шуданд. Зикр шуд, ки боғдорӣ дар ноҳияи Тоҷикобод тайи солҳои охир дар доираи барномаҳои давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ пеш рафт. Бо истифода аз имконоти мавҷуда сокинон тавонистанд, ки масоҳати боғҳоро ба 1702 гектар расонанд. Аз масоҳати умумии боғҳои мавҷуда 674 гектараш мевадиҳанда аст. Майдони боғҳои интенсивӣ бошад, дар ноҳия ба 5,2 гектар баробар гардидааст.

Сафари мазкур аз ҷониби Иттифоқи журналистони Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати мамлакат сурат гирифта, масири минтақаро пурра фаро гирифт.

**Мирсаид САТТОРИЁН,**
**Аббос АМИНОВ,**
**Душанбе - Роғун - Нуробод - Рашт - Лахш - Тоҷикобод - Душанбе**



# ТӮФОНИ МАРГОВАР ДАР МАККА

**Дар шаҳри Маккаи Арабистони Саудӣ тӯфони шадид ба амал омад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои одамоне паҳн шуд, ки бар асари шамоли сахт ба по истода наметавонанд.**



Дар наворҳое, ки дар шаҳри муқаддаси мусулмонон - Макка гирифта шудаанд, одамонеро дидан мумкин аст, ки аз "офатҳои ҳашмгин" пинҳон шудан мехоҳанд. Баъзе наворҳо инчунин аробаҳо ва ашёи дигареро нишон медиҳанд, ки шамол тавассути кӯчаҳо мебарад.

"Шамол одамонро мебарад, ашёҳои металлиро чаппа мекунад: навори тӯфон дар Арабистони Саудӣ. Навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шудааст. Дар бораи фавтидагон ва захмиён хабаре нест",- навиштааст Telegram-канали RT.

Дар яке аз наворҳое, ки аз тирезаи мошин ба навор гирифта шудааст, дидан мумкин аст, ки об ба рӯи роҳ мерезад ва дарахтон аз шиддати шамол ҳам мешаванду мошине чаппа шудааст.

Ҳамзамон, дар наворҳое, ки Telegram-канали BAZA нашр кардааст, дида мешавад, ки мошинҳо дар сел ғарқ мешаванд.

Моҳи ноябри соли гузашта ҳам гузориш шуда буд, ки дар Ҷиддаи Арабистони Саудӣ боришоти шадид боиси обхезӣ шуда, амалан кӯчаҳоро зери об монда ва ҳаракати нақлиётро фалаҷ кардааст.







# САФАР БА БАДАХШОН

## Чӣ дидему чӣ шунидем?

**Ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон сафари бобарори 6-рӯза доштем: аз 13-уми август то 18-уми август.**

### РОҲ

Рӯзи аввали сафар соати 10:00 аз шаҳри Кӯлоб ба роҳ баромада, соати 23:00 дар шаҳри Хоруғ расидем. Аз ноҳияи Шамсиддин Шоҳин то шаҳри Хоруғ лаблаби дарёи Панҷ сафарамон идома кард. Диққати моро роҳҳои ду тарафи дарё ба худ ҷалб кард. Роҳи мо мисли оина ҳамвору зебо, аммо роҳи сокинони Афғонистон хеле вайрону даҳшатнок.

Дар наздикии ноҳияи Дарвоз оби дарё баланд шуда, тақрибан 50 метри роҳи сокинони он сӯи дарёро пӯшонида буд. Мардум ба он ҷо меомаданду намедонистанд, ки чӣ гуна гузар кунанд. Инчунин, дар чандин ҷойи дигар сангҳо фаромада, роҳро маҳкам карда буд.

Аҷобаташ ин аст, ки ин роҳро, ки як мошин базӯр мегузарад, сокинони маҳаллӣ бо қувваи даст кандаанд. Медонед, ки чӣ хел? Дар ҳамон кӯҳҳои сар ба афлок худро тариқи банд аз боло овезон карда, бо дастгоҳи сангкафон, ки бо қувваи барқдиҳандаи ҳамроҳ кор мекунад, кашол карда, роҳро кандаанд.

Ин мушоҳидаи аввалини мо буд, ки дидем. Роҳҳои мо то ноҳияи Дарвоз мисли оина ва аз ноҳияи Ванҷ сар карда, роҳро таъмири олӣ карда истодаанду дар назар аст, ки то соли 2026 ба пурраги ба истифода дода шавад. Дар чанд қитъа кор бошаст рафта истодааст.

Бархе мегӯянд, ки Тоҷикистонро бо Афғонистон муқоиса накунед. Чаро накунем? Ин далели раднопазири пешрафти мост. Дар Ӯзбекистон ҳам будем. Роҳҳои вайрон ҳам хеле зиёд ва мардум ҳам аз мушкилиҳо ба мо мегуфтанд. Мо ҳам мушкилӣ дорему пешрафт ҳам.

### ВАНҶ, ДЕҲАИ ВОДХУД

Бегоҳ ба ноҳияи Ванҷ, деҳаи Водхуд расидем ва дар хонаи дӯсте меҳмон шудем. Бах-бах, он қадар манзараҳои зебо дидем, ки ҳиҷ ногуфтанӣ. Зардолуҳо нав пухта буданд, себҳои нозанин, боду ҳавои салқин.

Меҳмондорӣ дар сатҳи олӣ. Хонадор кулчахое ба наздамон овард, ки лаззаташон то ҳол дар даҳонамон ҳаст. Афсӯс меҳӯрем, ки чанд кулчаро бо худ нагирифтем. Мардуми меҳрубон, меҳмоннавоз, кадбону ва хушдастархон. Дар ин ҷо чашмаҳо фаровону ях. Аз хӯрдани як қулт об ҷигарат тар мешавад.

### МЕҲМОНХОНАИ "PAMIR PALACE"

Шаб моро дар меҳмонхонаи "PAMIR PALACE" ҷо карданд. Шароити он дар сатҳи оливу муносибат самимӣ, хӯрокҳои болаззат. Сипос ба роҳбари он - ҷавони хушахлоқ акаи Азимҷон! Муҳит ором буду ҳеҷ шуру мағал эҳсос намешуд. Хоби бароҳат доштем.

### ХОРУҒИ ЗАРАФШОН

Саҳар аз хоб хестему ба саёҳат баромадем. Ин шаҳр субҳи босафое дорад. Дар кӯчаҳои шаҳри Хоруғ мегаштему мушоҳида мекардем. Хоруғе, ки 5 сол пеш дида будем, тамоман дигаргун шудааст. Ҳама ҷо тозаву озода, бонизом ва гулгулшукуфон.

Қариб дар ҳама соҳаҳо пешравӣ дида мешавад. Мардум аз пайи зиндагӣ ва кор ҳастанд. Сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ҳам зиёданд ва ин ба фоидаи мардум аст, зеро аз меҳмонхонаву бозору дигар хизматрасониҳо фаровон истифода мебаранд.

Раиси вилоят ва раиси шаҳри Хоруғ самимона ва холисона кор карда истодаанд ва барои сабук шудани мушкили мардум пайваста кӯшиш менамоянд. Як мисол меорем. Тармае, ки зимистон дар Хоруғ фаромада буд, раиси вилояту шаҳр шабу рӯз дар ҷойи ҳодиса буданду лаҳза ба лаҳза аз рафти корҳо гузориш медоданд. Дигаронро намедонем, аммо ба назари инҷониб, бо доштани чунин руасо шукр бояд кард.

### КУҶО РАФТЕМ?

Ба якчанд ҷо сафар кардем: Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, Майдони Исмоили Сомонӣ, Телевизиони Бадахшон, бозори марказӣ, хонаҳои урфии бадахшонӣ, чашмаи Пири Шоҳносир дар Шуғнон, Боғи ботаникии Помир ба номи А. В. Гурский, баромадан ба болои кӯҳ ва дигар ҷойҳо.

### БОЗОР

Мегӯянд, ки бозор оинаи шаҳр аст. Мо ба бозори марказии шаҳри Хоруғ рафтем, тамошо кардем, мушоҳида намудем ва барои духтарчаамон сарулибос ва тоқии бадахшонӣ ба маблағи 330 сомонӣ харидорӣ кардем. Инчунин, чор адад бастаи сурма (ҳар кадом 15 сомонӣ), ки табобатиаш мегӯянд, бигирифтем. Синну соли савдогарон гуногун буд, кампиракон низ ба назар мерасиданд, ки гиёҳҳои шифобахш ва куртаву тоқӣ мефурӯхтанд.

Аҷибаш ин буд, ки мо на дар бозор ва на дар кӯчаҳо ҳеҷ гадоигаре надидем. Зиндагии мардум миёна, аммо шукр, ки гадоигар надоранд ва ё шояд доранду мо надидем. Дар бозораш сокинони минтақаҳои гуногун ба савдо машғуланд: аз Ваҳдат, Кӯлоб, Душанбе ва ғайра.

### ЗИНДАДИЛӢ

Мо дар тарабхонаи Ӯзбекистон ва меҳмонхонаи "PAMIR PALACE" хӯрок мехӯрдем. Мо ба зиндадилии сокинони ин минтақа қоил. Онҳо зодрӯз ва дигар рӯзҳои хурсандиашонро дар ин маконҳо мегузаронанд. Модареро дидем, ки баъди чанд сол ба дидори фарзандаш расида буду шодиву хурсандӣ мекард. Эшон баъди хӯроки шом ба рақс мебароянд ва хурду калон хеле зебо мерақсанд. Ин манзара тамошобобу диданӣ аст.

Дар тарабхонаи Ӯзбекистон хӯрок мехурдем, ки ногоҳ Соҳиба Давлатшоева ба он ҷо омаданд ва зодрӯзи кадом наздикашонро ҷашн мегирифтанд. Баъди чанд лаҳза ӯро ба саҳна хонданд. Наздики 20 дақиқа ончунон базми осмонкаф кард, ки роҳат намудем. Ба наздаш рафтем, сипос гуфтем ва акси хотиравӣ ҳам гирифтем.

Ҳини рақси сокинони маҳаллӣ мо қарсак мезадему онҳо рақс мекарданд ва баъзан вақт мо ҳам ба рақс ҳамроҳ мешудем.

### МЕҲМОННАВОЗӢ

Дигаронро намедонем, аммо мо дар ин гӯшаи зебои Ватан танҳо хубиву меҳрубониву инсонияти дидему халос. Инсонҳои самимӣ, меҳрубон, хоксору фурӯтан ва ҷавонмарду ғаюр. Махсусан дар дӯстӣ хеле содиқанд. Касе ба касе кордор нест, кӯчаҳо ором, ҳама аз пайи зиндагӣ.

Дар меҳмонхонаҳову тарабхонаҳо муносибат дар сатҳи олӣ. Мо аз ин сафар бардоштҳои хубе бо худ гирифтем, таассуроти рангине дорем.

Аз кулли сокинони Тоҷикистон даъват ба амал меорем, ки ҳатман ба ин гӯшаи зебои ватан биоед ва тамошо кунед!

**Ҷаҳонгиршоҳ РУСТАМШОҲ,**
**махсус барои "Тоҷикистон"**








# БАРДОШТИ РЕКТОРИ ДМТ АЗ САФАР БА НБО-И "РОҒУН"

Сафари ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба НБО-и "Роғун" як саҳифаи хотирмон дар таърихи донишгоҳ хоҳад буд. Зеро, бори нахуст дар чунин ҳайати бузург мо аз ин иншооти бузурги аср дидан намудем.



Дар ин сафар аз раёсати марказии ҲХДТ низ чанд нафар моро ҳамроҳӣ намуданд. Ин тасмим низ пеш аз ҳама бо дастуру мусоидати бевоситаи Раиси ҲХДТ, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, ки даҳҳо паҳлуҳои мусбатро фаро мегирад. Хеле иқдому анъанаи шоиста аст, ки имрӯзҳо ҷамъиятҳои гуногуни меҳнатӣ аз рафти корҳои сохтмонии ин коргоҳи бузург дидан менамоянд.

Боиси ифтихор буд, ки сафари мо баъд аз ташрифи Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба НБО-и "Роғун" сурат гирифт, ки ҳамагӣ чанд рӯз қабл онҷо буданд. Қабл аз ҳама ин сафар дар домани худ садҳо тасаввурот дошта, тавре маълум гардид, қаҳрамониву диловарии аҳли заҳматкашро аз наздик дидан барои аксарият ҳайратовар низ будааст. Чаро ки ин ин нерӯгоҳ ба тамоми маънӣ беназир аст ва он гувоҳи раднопазиру бузурге дар сиёсати бунёдкоронаву муваффақонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бунёдкориву созандагӣ дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми меҳварӣ дорад. Пешвои миллат абармардест, ки тамоми ҳастияшро барои ватан бахшидааст ва ҳар як чашми бино шоҳид аст, ки имрӯз давлату ватани мо ба чӣ гуна пешрафтҳо ноил гардидааст. Фаъолияту корҳову тасмимҳои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон ба ду ҷабҳаи бузург ҷудо намуд: ВАҲДАТУ СУЛҲОФАРӢ ВА БУНЁДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ.

Дар ҳақиқат он рисолате, ки барои ваҳдату сулҳофарӣ буд, иҷрову амалӣ гардидааст. Кишвари мо сарфи назар аз ҳама мушкилоту монеаҳо аз ҷанги шаҳрвандӣ наҷот ёфт ва халқи тоҷик имрӯз дар фазои сулҳу осоиштагиву муттаҳидӣ зиндагӣ дорад, ки ин бузургтарин неъмат аст. Зеро, ин сулҳу ваҳдати бадастомада буд, ки мо Истиқлоли давлатиро ҳифз кардему таҳким бахшидем ва дар ҳошияи он ба созандагиву бунёдкорӣ ноил гардидем. Яъне чун сулҳу ваҳдату ҳамгироӣ пойдор аст, ҳамагуна созандагиҳову бунёдкориҳои дигар имконпазир мегарданд.

Дар ҳақиқат бунёдкориҳову созандагиҳо маҳз бо шарофати сиёсати оқилонаи Пешвои муаззами миллат барои мо ба миён омадаанд. Бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҷумҳурӣ ҳудуди 30 ҳазор иншооти гуногун мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки дар кӯчактарин деҳаи дурдасти кӯҳистони мо низ ҳатман иншооте бунёду мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст. Боз ҳам мавриди истиқболу қаноатмандӣ мебошад, ки бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ даҳҳо ҳазор иншоот лоиҳакашӣ гардидаанду ба нақша гирифта шудаанд. Бошад, ки халқи тоҷик бо таҳкими сулҳу ваҳдату ҳамгироӣ ба заҳматписандиву бунёдкорӣ ба амалигардонии ҳама орзуву ормонҳо ноил гардад.

Дар ин сафар барои мо паҳлуҳои хотирмону баваҷдоварданда зиёд буданд. 170 нафаре, ки дар ин ҳайат қарор доштем, ба ду гурӯҳ тақсим шуда, аз мавзеъҳои зиёди сохтмон дидан намудем. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҳайат устодону кормандони ботаҷриба зиёд буданд, ки қисмати муайяни онҳоро бонувон низ ташкил медоданд. Аз роҳбарияту масъулони нерӯгоҳ миннатдор ҳастем, ки моро хуб қабул ва аз бисёр воқеиятҳо огаҳ намуданд. Барои ҳамаи мо возеҳ гашт, ки ҳар як қитъаи ин сохтмон як олами хос мебошад ва ҳар як коргару муҳандис тартибу низоми кори худро дораду медонад.

Ҷамъияти меҳнатии НБО-и "Роғун" хеле бузург аст ва имрӯз зиёда аз 14,5 ҳазор нафар дар иншооти мазкур софдилона меҳнат мекунанд. Зиёда аз 3500 техникаву таҷҳизоти замонавӣ дар минтақаҳои гуногуни ин нерӯгоҳ дар пайи коранд. Дар минтақаҳои гуногуни сохтмон намояндагони халқу миллатҳои гуногунро низ дидан мумкин буд, ки яқдилона бо бародарони тоҷики худ заҳмат мекашанд. Албатта, дар бораи ҷузъиёти ин сохтмон факту рақамҳои зиёд вуҷуд доранд, ки ба такрор дар атрофи онҳо таваққуф наменамоем. Шахсан ҳамчун як пажуҳишгари соҳаи иқтисод ҳаминро таъкид менамоям, ки барои кашфу таҳқиқи мантиқу моҳияти пурраи ин сохтмон ҳафтаҳову моҳҳо низ кифоят намекунанд.

НБО-и "Роғун" аҳамияти байналхалқӣ дорад ва боз ҳам сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар бунёди он ягон монеа вуҷуд надорад. Масъалаҳои марбут ба бунёди он аз ташхиси ҳамагуна комиссияҳои сатҳи байналмилалӣ муваффақона гузаштаанд. Бунёди ин нерӯгоҳ барои кишварҳои ҳамсояи мо, махсусан Ӯзбекистон, Туркманистону Қазоқистон низ манфиату аҳамият хоҳад дошт. Зеро, дар солҳои камобиву хушксолӣ обанбори "Роғун" ҳамчун манбаи захираи об мушкилоти зиёдеро осон карда метавонад.

Бояд қайд кард, ки дар ояндаи наздик ин нерӯгоҳ имкон дорад нерӯи барқи арзонро натанҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки ба Афғонистону Покистон ва дигар кишварҳои ҳамҷавор интиқол намояд. Паҳлуи муҳими дигар он аст, ки ин нерӯгоҳ манбаи безарари тавлиди энергияи барқ ба шумор меравад. Пешниҳод ва ташаббуси панҷуми Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мавриди проблемаҳои глобалии обу пиряхҳо ба ин масъала иртиботи зич дорад. Оқибатҳои ифлосшавии атмосфера (хушксолиҳо, сӯхторҳо, тӯфонҳо, селҳои харобиовар ва ғ.) ба чӣ оварда расонидааст, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ маълум ва пешниҳодҳои судманди Тоҷикистон барои ҳаёти ҷомеаи башарӣ собит гардидааст.



НБО-и "Роғун" мантиқан ҳадафи ҷоруми стратегии кишвари моро амалӣ менамояд. Иқтисодиёти кишвари мо рушд менамояд ва ҳатман Тоҷикистон ба як давлати саноатии минтақа табдил меёбад. Аз ин баъд имкон ҳаст, ки шумораву теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ афзоиш ёбанд. Бунёди ин нерӯгоҳ сабаб мешавад, ки Тоҷикистон ба як давлати бузурги содиротӣ табдил ёбад ва шароити иқтисодиро дар ҷумҳурӣ босуръат тағйир диҳад.

Дастовезу туҳфаи мо барои кормандони ин нерӯгоҳ теъдои муайяни китобҳо ва рӯзномаҳову маҷаллаҳо буд. Ҳамзамон, Ансамбли халқии "Наврӯз"-и донишгоҳ бо барномаи махсуси ҳунарӣ табъи кормандони сохтмонро болида гардонид. НБО-и "Роғун" ва ДМТ ду ҷамъияти бузурги меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор мераванд. Як нуктаи дигар мавриди зикр аст, ки агар Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз 19 маротиба аз НБО-и "Роғун" дидан карда бошанд, дар ин муддат 15 маротиба ба ДМТ ташриф овардаанд, ки ин далел фарогири мантиқи махсус мебошад. Суҳбатҳо, муколамаҳо ва баёни нуктаи назари муҳаққиқону устодони пуртаҷриба бо коргарону масъулини нерӯгоҳ баҳраҳои зиёд доштанд.

Хуллас, дар ин сафар як муддате руҳия ва фазои хоси маънавӣ шакл пайдо кард, ки ин мамнунияти ҳар ду ҷониб буд.

Аз ин сафар мо чӣ мехоҳем? НБО-и "Роғун" иншооти аср, меваи истиқлолу ваҳдат ва намунаи заҳмату нангу номуси халқи тоҷик барои наслҳои имрӯзу минбаъда мебошад. Бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди ин нерӯгоҳ аз нав оғоз гардид ва он ҳатман пурра ба анҷом мерасад. Бояд халқи тоҷик имрӯзу оянда воқиф бошанд, ки НБО-и "Роғун" иншооти беназир аст ва он бо бузургии худ дар радифи бузургтарин нерӯгоҳҳои (НБО) ҷаҳонӣ қарор мегирад. Бунёди ин нерӯгоҳ таҳаввулоти бузурги иқтисодиву саноатӣ дар ҳаёти халқи тоҷик мегардад. Ҳамаи ин нуктаҳоро устодону муҳаққиқони донишгоҳ дарк мекунанд, нозукиҳои сохтмонро аз наздик диданд ва ҳар нафаре вобаста ба он ҳатман диду назари худро дорад. Натанҳо филологу журналист, балки иқтисодчиву таърихнигор, файласуфу сиёсатшинос, экологу биолог, дипломату ҳуқуқшинос, химику математик, геологу физик ва умуман намояндагони ҳама соҳаҳову ихтисосҳо дар атрофи он назари алоҳидаву хоси худро дошта метавонанд.

Набояд фаромӯш кард, ки лоиҳаву нақшаи бунёди ин нерӯгоҳ аз солҳои панҷоҳуми асри гузаштаи замони шуравӣ вуҷуд дошт, ки бинобар ҳасодату нотавонбиниҳои мухталиф ба таъхир меафтод ва ҳатто дар замони фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ техникаву таҷҳизоти корҳои анҷомёфтаи он барбод рафта буданд. Бинобар ҳамин, имрӯз НБО-и "Роғун" ба як коргоҳи нангу номус барои миллати тоҷик табдил ёфтааст ва бояд ҳамаи мо нисбат ба ин иншооти тақдирсоз бетафовут набошем. Дар ин самт бошад, ҳар фарди зиёӣ, ки дар донишгоҳи азизамон фаъолият дорад, бо мавқеи ватандӯстии худ дар бунёду васфи аҳамияту қимати он ҳиссагузор буда метавонад. Ҳамзамон, ҳайати сафарнамуда ба ин нерӯгоҳ бояд хулосаву бардоштҳои худро дар раванди дарсҳо ба шогирдон баён намоянд, ки ин ҷиҳат низ хосияти баланди ватандӯстиву худшиносиро дар бар гирифта метавонад.

Бори дигар аз номи кулли устодону кормандону шогирдони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос менамоем, ки бо дастурҳои оқилонаашон чунин сафарҳои хотирмон роҳандозӣ мегарданд ва ҳамаи мо аз ин мактаби бузурги бунёдкориву созандагӣ дар НБО-и "Роғун" як олам маъниву таассуротро ҳосил карда метавонем.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
**профессор, ректори ДМТ**

БОКС

## МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР «ШАБИ ЧЕМПИОНҲОИ IBA»

**26-уми август дар шаҳри Серпухови наздики Маскави Русия дар қасри варзиши «Надежда» шоми бокси «Шаби чемпионҳои IBA» баргузор мешавад, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.**

Ин мусобиқа ба пешвози Рӯзи ҷаҳонии бокс, ки чун анъана 27-уми август қайд карда мешавад, баргузор хоҳад шуд. Дар ин шом 9 набард бо ширкати варзишгарони маъруф ба нақша гирифта шудааст. Қаҳрамонҳои ҷаҳон, ғолибони Бозиҳои олимпиву мусобиқоти ҷаҳонӣ, чеҳраҳои маъруфи олами бокс аз гӯшаву канори дунё ба ринг мебароянд.



Дар ин мусобиқа муштзани маъруфи Тоҷикистон Баҳодур Усмонов дар вазни 63,5 кг ба ринг мебарояд ва бо муштзани Венесуэла Луис Арокон майдондорӣ мекунад. Ҳамчунин, аз Тоҷикистон Шоҳрух Ҷиёнов ба муқобили Егор Назаров аз Русия ба ринг мебарояд.

Набарди асосӣ дар ин шом дар вазни 92 кг байни Муслим Ҳоҷимухаммадов (Русия), ки ду маротиба чемпиони ҷаҳон шудааст ва Хулио Ла Крус аз Куба, ки панҷ маротиба унвони чемпиони ҷаҳон ва ду маротиба унвони чемпиони Бозиҳои олимпиро соҳиб шудааст, баргузор мегардад. Ин муштзанҳо пештар низ бо ҳам рақобат кардаанд ва ҳисоб 0:2 бар нафъи Ла Крус аст.

Дар ин шом ҳамчунин чемпиони ҷаҳон Марк Петровский бо муштзани таҷрибадор аз Эквадор Хулио Кастилйо ба ринг мебарояд.

ҶУДО

## ШИРКАТИ ДАСТИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН БАЙНИ НАВРАСОН

**Паҳлавонони наврaси Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо, ки дар Загреби Хорватия оғоз шуд, ширкат мекунанд.**

Мусобиқа то 27-уми август идома мекунад ва дар он аз Тоҷикистон 7 паҳлавон майдондорӣ хоҳанд кард. Инҳо Мадина Қурбонзода (дар вазни 48 кг), Лоиқ Кутбуддинов, Икром Шамсов (ҳарду дар вазни 55 кг), Ёсин Бобокалонов (60 кг), Ворис Назаров, Муҳаммадин Лоиков (ҳарду дар вазни 66 кг) ва Аминҷон Абдуҷализода (73 кг) ҳастанд.

Чемпионати ҷаҳон байни наврасон дар доираи Сайри ҷаҳонии ҷудо баргузор мешавад. Ғолибон ва ҷоизадорон бо мукофотҳои пулӣ сарафроз мешаванд. Ҳамчунин, варзишгарон барои беҳтар кардани мавқеи худ дар рейтинги ҷаҳонӣ соҳиби имтиёз мешаванд.



ТАЭКВОНДО

## ХОНАНДАИ ТОҶИК МАРЯМ АБДУРАҲИМОВА ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН ШУД



**Дар Чемпионати ҷаҳонии таэквондо ITF (Созмони ҷаҳонии таэквондо), ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон идома дорад, намояндаи Тоҷикистон унвони чемпиони ҷаҳонро соҳиб шуд ва сазовори медали тилло гардид.**

Хонандаи синфи 9-и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Марям Абдураҳимова дар ин мусобиқа соҳиби медали тилло гардид. Варзишгари наврaси тоҷик дар рӯзҳои аввали мусобиқа ба ҳамаи рақибонаш ғолиб омада, соҳиби унвони чемпиони ҷаҳон гардид.

Дар мусобиқаи мазкур 900 варзишгар аз 45 кишвари дунё ширкат доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи ҷаҳонӣ 24 варзишгар намояндагӣ мекунанд. Мусобиқа то 27-уми август идома меёбад.

ФУТБОЛ

## ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР «ҶОМИ МЕРДЕКА» ШИРКАТ МЕКУНАД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагиҳо ба бозиҳои марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 моҳи октябр дар мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми Мердека», ки дар Малайзия баргузор мешавад, иштирок хоҳад кард.**

Дар даври нимниҳоии мусобиқоти «Ҷоми Мердека» дастаи мунтахаби Тоҷикистон 13-уми октябр бо дастаи мунтахаби Фаластин бозӣ мекунад. Дар воҳӯрии дигари даври нимниҳоӣ дастаҳои мунтахаби Малайзия ва Ҳиндустон бо ҳам вомехӯранд.

Ғолибони даври нимниҳоӣ 17-уми октябр бозии ниҳоӣ ва дастаҳои мағлубшуда барои медалҳои биринҷӣ байни ҳам мубориза мебаранд. Ҳамаи бозиҳои ин мусобиқа дар Варзишгоҳи миллии Букит Ҷалили Куала-Лумпур баргузор мешаванд.

**Мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми Мердека»**

**Даври нимниҳоӣ. 13-уми октябр**

**Фаластин - Тоҷикистон**

**Малайзия - Ҳиндустон**

**17-уми октябр**

**Бозӣ барои ҷойи сеюм**

**Финал**



РЕЗААХБОР



Муштзани тоҷик Баҳодур Усмонов дар мусобиқаи навбатии «RCC Boxing Fest», ки 17-уми август дар шаҳри Екатеринбурги Русия баргузор шуд, бо варзишгари Русия Артем Пугач баромад ва бо қарори якдилонаи доварон бо ҳисоби 2-4-2 ғолиб омад.

***

Собиқ чемпиони ҷаҳон дар вазни дуюми нимсабуки IBF Шавкат Раҳимови тоҷикистонӣ набарди навбатии худро бо Чарли Суарези шикастнопазир аз Филиппин мегузаронад. Ғалаба ба Раҳимов кумак мекунад, ки ба унвони қаҳрамонӣ дар вазни сабук (59 кг) наздик шавад. Ӯ ба наздикӣ соҳиби унвони қаҳрамонӣ шуд, аммо дар воҳӯрии комилан баробар аз Ҷо Кордина аз Британиё мағлуб шуд ва унвонро аз даст дод.

***

Ҷудокори ҷавони тоҷик Абубакр Шеров (-73 кг) баранадаи нишони тиллои Фестивали донишҷӯёни варзишгар дар шаҳри Екатеринбург гардид. Абубакр Шеров дар марҳилаи ниҳоӣ варзишгари белорус Руслан Ҳалавачовро ноком карда, унвони қаҳрамониро соҳиб шуд. Абубакр донишҷӯи Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ аст. Паҳлавони умедбахши кишвар моҳе қабл медали тиллои Ҷоми кушоди Осиё миёни ҷавононро низ ба даст оварда буд.

***

Ҷоми ҷаҳонии футбол миёни мунтахабҳои занона дар Австралия ва Зеландияи Нав ба анҷом расид. Дар финали мусобиқа Испания ва Англия дар варзишгоҳи "Олимпи"-и шаҳри Сидней дар ҳузури 75 784 нафар мухлис бозӣ карданд, ки бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи Испания ба анҷом расид. Бо ин ғалаба Испания барои аввалин бор дар таърих унвони қаҳрамони ҷаҳонро ба даст овард. Англия аввалин маротиба ба финали мусобиқа роҳ ёфт, аммо мағлуб шуд.

# ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

*Чаро ҷавонон ба доми ин гурӯҳҳо меафтанд?*

**Яке аз мушкилиҳое, ки тайи солҳои охир ҷаҳони муосирро фаро гирифта, ба хатари глобалӣ табдил ёфтааст, ин экстремизм ва терроризм мебошад.**

Терроризм - яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, суст намудани сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт ё расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё намояндаи ҳокимият вобаста бо фаъолияти давлатӣ, бо мақсади ноором сохтани вазъият ва монеъ шудан ба фаъолияти сиёсию ҷамъиятӣ мебошад.

Экстремизм - ин содир намудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меорад, мақсадаш бартараф кардани рақибони сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, ҳал намудани масъалаҳои сиёсию ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад.

Созмонҳои террористию экстремистӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мақсадашон сохти ҷамъиятию сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир додан аст.

Бинобар ин, терроризм ва экстремизм оқибатҳои ногувор дошта, натанҳо амният ва истиқлол, балки оромии тамоми кишварҳои дунёро зери хатар мегузоранд.

Ҷавононе, ки таҳти таъсири таблиғотии созмонҳои террористию экстремистӣ қарор гирифта, ба ин гурӯҳҳо шомил мешаванд ва ба Ватану миллати хеш хиёнат мекунанд - ин бо сабаби суст иродагӣ, ноогоҳии сиёсӣ ва надонистани арзишҳои инсондӯстиву ватандӯстии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҷавонони дилеру ғаюри кишвар бояд ҳушёр бошанд ва зиракии сиёсиро аз даст надода, мақсади шахсони ифротгаро ва гурӯҳҳои террористию экстремистиро дарк намоянд.

Қувваи бузурге, ки дар муқобили терроризм ва экстремизм қарор дорад, ин ватандӯстӣ ва инсондӯстии ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

**Шарафҷон НАРЗУЛЛОЗОДА, судяи Суди шаҳри Душанбе**

# ТОҶИК ҲАМВАТАНАШРО ДАР МУҲОҶИРАТ ГАРАВГОН ГИРИФТ

**Дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон гурӯҳи шаҳрвандони Тоҷикистон як ҳамватани худро гаравгон гирифтаанд. Ӯро дар як манзил маҳкам карда, бар ивази раҳоӣ аз наздикони он мард 20 ҳазор доллар талаб кардаанд.**



Дар шарҳи ин ҳодиса Polisia.kz 16-уми августи соли 2023 аз нақли Жанат Нургалиев, сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили шаҳри Алмаато чунин навиштааст: “Як шаҳрванди Тоҷикистон ба пулис хабар дод, ки ҳамватани ӯ М., соли таваллудаш 1991, 13-уми август ба як мулоқот рафта, дигар барнагаштааст. Дар робита ба ин ҳодиса гурӯҳи фаврию тафтишотӣ созмон дода шуда, дар асоси моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Қазоқистон бо иттиҳоми одамрабоӣ парвандаи ҷиноятӣ кушода шуд.

Тафтишот дар навбати аввал муайян кард, ки шаҳрванди Тоҷикистонро рабудаанд. Дар пайи ин мо макони нигоҳдории ӯро муайян кардем. Ин манзили иҷора дар ноҳияи Медеу ҷойгир шуда буд.

Бо кумаки гурӯҳҳо амалиёти махсус баргузор карда шуд. Дар натиҷа 6 шаҳрванди Тоҷикистон бо иттиҳоми рабудани ҳамватани худ бо мақсади талаб кардани пул ба маблағи 20 ҳазор доллар дастгир шуданд. Онҳо гаравгонро зада, ҷараёни шиканҷаи ӯро видео гирифтаанд”.

Ҳоло гумонбарон дар ҳабс қарор доранд.

# ҲАБСИ МАРДИ БАДАХЛОҚ ДАР ДУШАНБЕ

**Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе аз боздошт ва ҳабси як марди бадахлоқ хабар дод.**

Бино ба иттилои манбаъ, шоми 20-уми август дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе нашр гардид, ки дар он ҳаракатҳои ғайриахлоқонаи як мард нисбат ба духтари хурдсол бозтоб шудааст. Боздоштшуда Авазбек Назархудоеви 44-сола, сокини ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аст. Вобаста ба ҳолати мазкур маводҳои зарурӣ тартиб дода шуда, номбурда дар ҳабси пешакӣ қарор дорад.





# РОНАНДАГОНИ ҚОИДАШИКАН. ОНҲО КИҲОЯНД?

**Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон феҳристи ронандагонеро расонаӣ кард, ки аз ҳама бештар қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон кардаанд.**

Ин ронандагон тавассути дастгоҳҳои “Шаҳри бехатар” сабт шуда, аммо ҷаримаҳои пешбинишударо пардохт накардаанд.

Ба гуфтаи ВКД, вақтҳои охир баъзе ронандагони воситаҳои нақлиёт, алалхусус ҷавонон дидаву дониста талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳро дағалона сарфи назар намуда, ин амалҳои номатлуби худро идома медиҳанд.

Рӯйхати чунин қоидавайронкунҳо, ки “Шаҳри бехатар” сабт кардааст, аз 12 нафар иборат мебошад.

| № | Тамғаи мошин | Рақами қайди давлатӣ | Шумораи қоидавайронкунӣ | Ному насаб |
|---|---|---|---|---|
| 1 | «Тойота-Камри» | 4832AX01 | 50 | Раҷабиён Баҳодур |
| 2 | «Тойота Королла» | 2841HP01 | 14 | Ҳомидов Умедҷон |
| 3 | «Мерседес Бенс» | 1975XE01 | 20 | Пирназаров Ҳокимҷон |
| 4 | «Мерседес Бенс» | 9664AE03 | 34 | Яқубов Шермаҳмад |
| 5 | «Опел Астра» | 2668EM01 | 13 | Ҷобирзода Зиёрат |
| 6 | «Дэу-Тико» | 1015BA07 | 38 | Нарзуллоев Иброҳим |
| 7 | «Мерседес Бенс» | 5987MB01 | 20 | Рауфов Фаридун |
| 8 | «Равон» | 4141CX01 | 50 | Раҳмонов Қурбоналӣ |
| 9 | «Опел Астра» | 1680KM02 | 20 | Аюбов Саидбой |
| 10 | «Равон» | 1932TT09 | 18 | ҶДММ «Сайёҳон» |
| 11 | «Тойота Прадо» | 843ZP01 | 23 | Муасисаи таълимии хусусӣ |
| 12 | «Форд» | 8206EA01 | 20 | Иброҳимов Мухаммаджон |

# РОҲБАРИ ДАСТГОҲ 60 000 СОМОНӢ ҶАРИМА ШУД

**Холмаҳмад Ортиқов, дар гузашта роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Рашт бо пардохти 60 ҳазор сомонӣ ҷарима ва аз толори суд озод шуд. Ӯ моҳи январи соли ҷорӣ аз тарафи кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон бо ҷурми қаллобӣ дар ҳаҷми махсусан калон боздошт шуда буд.**

Насриддин Низомзода, сардори раёсати тафтишоти Агентии мазкур мегӯяд, ки нисбати Холмаҳмад Ортиқов рӯзи 20-уми январ бо моддаи 247, қисми 4, банди “б”-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда буд.

“Парвандаи ҷиноятии шаҳрванд Ортиқов комил гардида, ба Суди ноҳияи Рашт пешниҳод ва бо ҳукми суд ҷазои ҷарима ба миқдори 60 ҳазор сомонӣ татбиқ карда шуд”,- гуфт Низомзода.

Ёдовар мешавем, ки Холмаҳмад Ортиқов 64-сола аст. Аз соли 2017 то лаҳзаи боздошташ дар мансаби роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Рашт фаъолият мекард. Қаблан мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Рашт низ буд.

# ТЕЛЕФОНДУЗД БА ДАСТ АФТОД

**Мақомоти милитсияи Душанбе аз боздошт ва ҳабси ҷавоне хабар дод, ки барои дуздии беш аз 15 телефони мобилии гаронарзиш айбдор аст.**

Сомон Латифи 21-сола, зодаи ноҳияи Восеъ ин миқдор телефонҳоро аз назди маркази савдои "Гулистон", воқеъ дар кӯчаи Неъмат Қарабоеви шаҳри Душанбе дуздидааст.

Ҳоло нисбати номбурда парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.





# ЧАРО РИШ ДАРОЗ НАМЕШАВАД?

**Баъзе мардон бо мушкилоти дароз нашудани риш дучор мегарданд. Риши тоифаи аввал танҳо то андозаи муайян дароз мешавад, дар тоифаи дуюм риш чандон ғафс намешавад, дар рӯйи тоифаи сеюм бошад, умуман риш намебарояд.**

Сабаби риш набаровардан бо халалёбиҳои ҳормонӣ алоқамандӣ дорад. Барои ташхиси сатҳи ҳормонҳо ба духтури эндокринолог муроҷиат кардан лозим аст. Ҳамзамон афзоиши номукаммали риш бо бемориҳои ғадуди сипаршакл алоқамандӣ дошта метавонад.

Аксаран сабаби мушкилоти афзоиши риш ирсӣ мешавад. Агар падар ё бобо риши ғафс надошта бошанд, ин мушкилӣ дар наслҳои ояндаашон зуҳур менамояд. Чун қоида аллакай дар синни наврасӣ ин мушкилиро муайян кардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, агар риши мард чандон ғафс набошаду ин ҳолат заррае ӯро мушавваш намесохта бошад, ба табиб муроҷиат кардан шарт нест. Ин хатарнок нест ва зараре ҳам надорад. Ба табиб вақте муроҷиат кардан лозим аст, ки афзоиш ва ғафсии риш яку якбора тағйир меёбад. Вақте риш ғафс бошаду баногаҳ ба рехтан сар кунад ё дар холатҳое, ки риш нобаробар баромада, пора-пора канда мешавад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо муайян сохтан лозим аст, ки дар организм чӣ ҳодиса рух медиҳад. Вобаста ба сабабҳои вуҷуддошта табиб табобатро ба роҳ мемонад. Агар сабаб дар тағйироти ҳормонӣ бошад, табобатро табиби уролог ё эндокринолог ба роҳ мемонад. Табиб доруворихои барои барқарорсозии мувозинаи ҳормонҳо лозимаро муайян месозад ва афзоиши риш ба эътидол меояд. Агар мушкилӣ косметикӣ бошад, онро бо кумаки косметолог ва сӯзандорухо рафъ сохтан мумкин аст. Айни замон дар дорухонаҳо миқдори зиёди воситаҳоеро дастрас кардан мумкин аст, ки афзоиши мӯйро метезонанд. Вале қабл аз истифода бурдани ин доруворихо машварати табиб ҳатмӣ аст. Зеро на ҳамеша воситаҳои барои афзоиши мӯйҳо пешбинишударо ба пӯсти рӯй молидан мумкин аст.



# АРАҚ КАРДАНИ МАРД НИШОНАИ БЕМОРИСТ?

**Сабаби зиёд арақ кардани таги каши ҷавонмардон микробҳо ва илтиҳоби паҳншуда мебошад. Дар ин ҳолатҳо микробҳоеро, ки боиси пайдошавии доначаҳои сурх мегарданд, нобуд кардан лозим аст.**

Барои кам сохтани арақи таги каш ҷавонмардон бояд қоидаҳои оддии гигиенаи шахсиро риоя намоянд - ҳамарӯза оббозӣ карда, мӯйи таги каши худро тарошидан ва либоси пахтагин пӯшида, аз дезодорантҳои махсус истифода бурдан кифоя аст.

### Арақкунии бошиддати пой

Яке аз намудҳои ногувори арақкунии ҷавонмардон - ин арақи пой аст, ки бо бӯйи бад зуҳур менамояд. Ин иллат баъди стресс ё мубодилаи моддаҳои махсус дар ҷисми ҷавонмардон рух медиҳад.

Пойафзоли номувофиқ, риоя накардани тозагӣ ва хӯроккӯрии нодуруст низ боиси арақ кардани пой гашта метавонад.

### Тавсия:

- Дар гиёҳоб (бехтараш дар гиёҳоби пӯстлохи дарахти булут) пойҳоятонро нигоҳ доред;
- Зуд-зуд бо обу собун поятонро шӯед;
- Бо пойафзоли мувофиқи пошнапаст ё умуман бепошна гардед.
- Бештар ҷӯроби пахтагин пӯшед.

### Дар хоб арақи зиёд кардан

Ҷавонмарде, ки дар хобаш арақи зиёд мекунад, ба тахлука меафтад, зеро дар хобаш инсон машқи бадан намекунад ва ба стресс гирифтор намешавад. Пас, чаро шабона бистар аз арақи бадан тар мешавад? Бояд гуфт, ки дар хоб ҷисми инсон ҳарорати хонаро хубтар қабул мекунад, агар хона аз ҳад зиёд гарм бошад, одам арақ мекунад. Сабаби арақи зиёд кардан ҳамчунин хастагии рӯзона ва стресс буда метавонад. Дар чунин ҳолатҳо хуб мебуд, ки чакрадорухои валериана ё "пустырник"-ро истеъмол намоед. Мусиқии таскинбахш низ касро ором месозад. Қабл аз хоб ҳавои утоқи хонаи хобатонро ҳатман тоза намоед.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Ҳафта барои ошиқон ташвишовар аст, муносибат бо шахси дӯстдоштаатон душвор гашта, аз вазъияти рухдода сахт ба ғазаб меоед. Аз аспи ҷаҳл фаромадани шумо ба гумон аст, зеро ҳар лаҳза омода ҳастед аз бахри чунин ёри беандеша гузаред.*



**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Дар ин ҳафта кунҷи танҳоӣ ҷустанро маслиҳат намедиҳем, вале ба ҷойҳои серодаму пурғавғо рафтанатон низ лозим нест. Кушодадилӣ ва самимияти зотӣ бар зарари худатон мегардад, наздикону ҳамкорон болои саратон баромада, мушкили худро ба дӯшатон бор мекунанд.*



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Чун ҳамеша мушкили аввалиндараҷаи шумо маблағ аст. Ин дафъа хатари аз даст додани пулҳоятон вуҷуд надорад, вале барои ин эҳтиёт шуданатон лозим меояд. Ба пешниҳодҳои шубҳаноке, ки бар ивази маблағгузории ночиз ваъда мекунанд, бовар накунед.*



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Ҳафтаи нав бе навигарӣ намешавад. Аҳли оила ва ҳамкорон бо сабабҳои ночиз шуморо ташвиш дода, имкон намедиҳанд, ки табъи дил истироҳат намоед. Беҳтар мебуд, ки бештар пиёда роҳ гашта, асабҳоятонро ором намоед.*



**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Нақшаву ниятҳое, ки ҳафтаи мазкур дар сар доред, бо сабабҳои номаълум амалӣ намешаванд. Табъи шумо низ яку якбора тағйир ёфта, аз ҳолати дилхушӣ ба ҳолати яъсу ноумедӣ гирифтор шуда, аз гузоштани қадами навбатӣ метарсед.*



**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Дар ин ҳафта кореро ба нақша нагиред ё омода бошед, ки ниятҳоятон ба таъхир мемонанд. Сабаби пеш омадани мушкилӣ дар бемасъулиятӣ ва сусткории яке аз атрофиён аст. То охири моҳ масъалаҳои молиявиро бо кумаки нафаре рафъ месозед.*



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Нафароне, ки ба наздикӣ аз сафар ё рухсатии меҳнатӣ баргашта, ба кор шуруъ мекунанд, дар касбу кор муваффақ мегарданд. Хусусан дар масъалаҳои молиявӣ бурд мекунед. Ба хӯроки истеъмолмекардаи худ бодиққат бошед, ғизои шумо бояд дорои витаминҳои даркорӣ бошад.*



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Донишҷӯён бахти худро пайдо месозанд, нафароне, ки дӯстдошта доранд, тӯйи арӯсӣ барпо мекунанд. Баъзеҳо хабари зиёд шудани сафи фарзандонашонро мешунаванд. Бемориҳоятон хуруҷ накунанд ҳам, асабоният аз мушкилиҳои саломатиятон дарак медиҳад.*



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Хастагиро баҳона карда, дилхушӣ карданатон амали хандаовар аст, зеро сабаб дар хастагӣ неву дар танбалиятон аст. Ба ҷашну маъракаҳои нафароне, ки хуб намешиносед, рафтанро маслиҳат намедиҳем. Робитаи зиёд ва муошират дар ин ҳафта ба шумо манъ аст.*



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Ташвишҳои хурд ва муноқиша бо нафаре, ки қаблан шинос будед, вақти зиёдатонро фаро мегирад. Нафароне, ки як маротиба оилавайрон шудаанд, оно собиқ ҳамсари худ мушкилиҳои молиявӣ ва ҳуқуқиро рафъ карданашон лозим меояд.*



**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Дар ин ҳафта дучори танбаливу рашк мегардед, ин амалатон қаҳру ғазаби ҳамкоронро меорад. Беҳтараш саломатиро баҳона карда, чанд рӯз рухсатӣ гирифтаву истироҳат кунед. Шубҳаву гумонҳои бадро аз дил дур карда, беҳтараш бо дӯстдоштаи худ муросо кунед.*



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

*Агар муҷаррад бошед, бахтатон дар паҳлуи шумо қарор дорад. Рафту чанд рӯз қабл ба нафаре ошиқ шуда бошед, ин ишқи асил нест. Рӯзҳои наздик шумо чӣ будани ишқи ҳақиқиро дар мағзу устухони худ эҳсос мекунед. Ҳафта барои кори вазнин ва диққатталаб созгор нест.*

# ҶАРРОҲИ НОМӢ ВА ИНСОНИ ПУРМАСЪУЛИЯТ

**Ба ҳуҷраи корӣ Носирӣ Қаҳҳор — ҷарроҳи номии кишвар бо салом ворид шудаму эшонро ғарқи хаёл дарёфтам. Сукуташон инсонро бо худ мебурд. Зеро он сукуте буд, ки дар он таҳлилу андешаҳои зиёде нуҳуфта гардида. Ҳамаи инро одаме пай бурда метавонист, ки агар боре бо ин инсони зиндадилу бовиқор нишаставу ҳамсуҳбат шуда бошад.**



Дар ҳар сухани Носирӣ Қаҳҳор муҳаббати самимона ба Ватану миллат ҳамеша эҳсос карда мешавад. Шояд ҳама бихоҳанд, ки халқи тоҷик дар дунё сарболо бошад, аммо кам касоне ҳастанд, ки онро дар ҳар лаҳзаи кору пайкори худ дидаву дар роҳи амалинамоии он шарафмандона қадам бигузоранд. Агар ҳар нафаре ин гуна ҳадаф дошта бошад ва онро дар кору зиндагии худ ҳар лаҳза бо ҳисси масъулият амалӣ намояд, тоҷик дар дунё ҳамеша сарболо хоҳад буд. Носирӣ Қаҳҳор нафаре ҳастанд, ки доим аз рӯйи чунин ормону шиор амал мекунанд ва атрофиёнашонро низ ба ин роҳ талқин менамоянд. Носирӣ Қаҳҳор (Носиров Қаҳҳор Нарзуллоевич) баъди хатми Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соли 1984 (ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино), аз соли 1984 то 1985 дар вазифаи ҷарроҳ — интерни Беморхонаи марказии ноҳияи Кофарниҳон, солҳои 1985-1988 лаборанти калони кафедраи ҷарроҳии умумии №1-и Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, духтур-ҷарроҳи шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи клиникии шаҳри №5-и шаҳри Душанбе, солҳои 1988-1993 духтур-ҷарроҳ, мудири шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи клиникии шаҳри №5-и шаҳри Душанбе, ассистенти кафедраи ҷарроҳии умумии №1-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, солҳои 1993-2005 ассистенти кафедраи ҷарроҳии умумии №1-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, духтур-ҷарроҳи шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи клиникии шаҳри №5-и шаҳри Душанбе кор кардаанд.

Дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ бошад, Носирӣ Қаҳҳор роҳбарии шуъбаи ҷарроҳии Беморхонаи шаҳри №5-и шаҳри Душанберо бар уҳда дошта, дар он солҳои бесарусомонӣ беморону ҷароҳатёфтагони зиёдеро табобат кардаанд. "Шуруи солҳои навадум бароям вахмангез буд. Зеро дар ин солҳо гурӯҳҳои гуногуни ифротгарову ба ном демократҳо бо баҳонаҳои гуногун ва шиорҳои бегона ба сари миллати мо рӯзҳои сахту сангин оварданд. Дар беморхонаҳо касалхо пур буданд ва аз ин рӯ, рӯзҳои табибон бисёр вазнину пур аз мушкилиҳо сипарӣ мешуданд",- ба ёд меорад ин ҷарроҳи номии кишвар.

Носирӣ Қаҳҳор муаллифи зиёда аз 70 мақолаи илмӣ, 14 дастури методӣ, 1 ихтироот ва 20 пешниҳоди ратсионализаторӣ мебошанд.

Дар ҳар давраи фаъолияти худ Носирӣ Қаҳҳор шогирдони зиёде ва мутахассисони ҷавонеро тарбия намудаву дар зиндагӣ ба онҳо дасти ёрӣ дароз кардаанд. Яъне Носирӣ Қаҳҳор ҳамчун устоди воқеӣ, ки шогирдонашро дар ҳама пайроҳаҳои зиндагӣ дастгирӣ ва раҳнамоӣ мекунад, ба дастпарваронашон ғамхорӣ намудаанд ва аз ин рӯ, имрӯз аксари онҳо номи эшонро бо эҳтиром ба забон меоваранд.

Ҳоло Носирӣ Қаҳҳор тӯли чанд сол аст, ки роҳбарии Хадамоти ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бар уҳда доранд ва ин масъулиятро бо тамоми нерӯ ва заҳмати беандоза иҷро мекунанд. Агар ҳар касе ҳар вақте ба утоқи кории эшон меравад, он касро хатман саргарми коре мебинад. Ҳалолкорӣ шеваи кору пайкори ҳамешагии эшон аст.

Агар мо фаъолияти пизишкии ҷарроҳ - Носирӣ Қаҳҳорро низ варақ занем, пур аз пандҳои нотакрори кору зиндагӣ ва хайрхоҳонаву шарафмандонаи инсониро дармеёбем. Баъзе беморҳо ба суроғи Носирӣ Қаҳҳор ҳатто то ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино меоянд. Аз ин рӯ, ман борҳо шоҳиди муносибати бисёр баланду хайрхоҳонаи эшон бо беморон будам. Мегӯянд, ҳар касе донишу фарҳанги воло дорад, ӯ бо ҳама яксону меҳрубон аст. Носирӣ Қаҳҳор ҳеҷ гоҳ бемавқеъ гап намезананд ва ба ҳама кор нигоҳи хоса ва тозаи худро доранд. Аслан коре, ки бо маслиҳати эшон ба сомон мерасад, дар он ҳеҷ камиву камбудие ба чашм намехӯрад. Аз ин рӯ, бисёриҳо танҳо ба эшон такя мекунанд ва корҳои худро хатман аз назари таҳрирашон мегузаронанд. Яъне Носирӣ Қаҳҳор пухтакору пуртаҷриба ва шахси боэътимоди донишгоҳ ба ҳисоб мераванд.

**М. ҚОСИМӢ**

# РОМАНИ НАВИ МУҲАММАД ҒОИБ ЧОП ШУД

**Романи "Сояравшан"-и Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб ба чоп расид. Романи "Сояравшан", ки бо ду хат, алифбои имрӯзи тоҷикӣ ва хати ниёгон чоп шудааст, аз ҷиҳати мавзуву мундариҷа дар адабиёти мо нав мебошад.**






Муаллиф дар роман аз боби ҷаҳонишавӣ ва паёмадҳои хубу зуҳуроти номатлуби он ҳикоят карда, хонандагонро ба роҳи дурандешию муҳофизати сарватҳои моддиву маънавӣ ҳидоят менамояд.

Президенти АМИТ Фарҳод Раҳимӣ ба ҳайси мушовири адабӣ ва нависандаи ҷавон Бахманёр Муродӣ ба ҳайси муҳаррир дар нашри китоб саҳм гузоштаанд.

Ёдовар мешавем, ки Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Рӯдакӣ ва Ҷоизаи байналмилалии ИДМ ба номи Чингиз Айтматов Муҳаммад Ғоиб бо шеърҳои мондагор, драмаҳои манзуму мансур, силсилафилмҳои ҳунарӣ, чакомаҳои кӯдакона, ҳикоя, повест ва роман дар олами адабиёт ҷойгоҳи шоиста ва намоён дорад.

## Мавлуднома

**• 23 АВГУСТ •**

**Муҳиддин Муъминов** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Бахтиёр Орифов** (1968), 55-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**• 24 АВГУСТ •**

**Болтухон Маъмуров** (1928-1989), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Лев Рассовский** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ.

**Абдуллохон Саидов** (1933-2001), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Кӯйбек Шарифзода** (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

**• 25 АВГУСТ •**

**Георгий Бобоев** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Иван Валухев** (1923-1966), 100-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Қаҳҳор Мухтор** (1933), 90-солагии зодрӯзи шоир.

**Рафоатхон Самадова** (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Абдулҳай Сулаймонов** (1918-1987), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Марҳамат Ҳабибуллоева** (1953), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Рустам Юлдошев** (1938-2008), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**• 26 АВГУСТ**

**Фирӯза Зеҳнӣ** (1938), 85-солагии зодрӯзи фолклоршинос.

**Исломқул Икромов** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**Имомназар Келдиев** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Охонлаъл Оламов** (1943-1993), 80-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**• 27 АВГУСТ •**

**Владимир Буданов** (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ, узви вобастаи АМИТ.

**Абдушариф Воҳидов** (1938-2008), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Қосимшоҳ Искандаров** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Саодатшоҳ Шукронаев** (1943-2004), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**• 28 АВГУСТ •**

**Ғафурхон Алихонов** (1928), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Нурулло Боймуродов** (1928), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Садриддин Масрур** (1938), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Туҳфа Усмонова** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

**• 29 АВГУСТ •**

**Борис Брагинский** (1923-2006), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Абдураззоқ Юсуфов** (1923), 100-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Хона барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сотих замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳози даркорӣ, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи нафақа ба номи Абдуллоев Нарзулло Ҳайбуллоевич, ки аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Олимов Шамшод Шукруллоевич, №0381075, РЯМ: 4130030080, РМА: 415041184, санаи судур 21.06.2019 ва иқтибос аз фехристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ аз 30.04.2013, РЯМ: 4130013645, ки дар Нозироти андози ш. Норак ба расмият даровард шудааст, эътибор надорад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Кенҷабобо", роҳбараш Чураев Рашид, РЯМ: 0730144323, РМА: 075039326, ки аз 04.01.2017 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии A03653998 ба номи Сайфутдинова Зиёдабону Махмадзоировна, ки санаи 30.07.2021 аз ҷониби ШВКД-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо реестри №9Д-1435 аз санаи 30-юми майи соли 1991 ва дубликат бо реестри №29Б-481 аз 17-уми октябри соли 2007 ба номи Абдулхаев Ахмаджон Набиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. 1-проезд Глинка, бинои 32, ки дар нотариуси давлатии Идораи 1-уми нотариалии шаҳри Душанбе ба расмият даровардa шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №26342, ки соли 2013 ба номи Каримов Рамазон бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Сароб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, Юнусова Дильбар Джабборовна, РЯМ: 0730003102, РМА: 075156182, ки аз 22.09.2009 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Шарифов Абдулмаҷид, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Сино, хонаи 130/4, ҳ. 9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЧТ №009727 ба номи Абдулоева Шахло Джумаевна, ки соли 2003-2004 аз ҷониби Литсейи касбии хизмат ва туризми ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши 1/2 ҳиссаи ҳавлии истиқоматӣ таҳти фехристи №8Ш-4331 аз 29-уми декабри соли 2010 ва дубликати он таҳти фехристи №16ғ-838 аз 16-уми январи соли 2015 ба номи Домуллоҷанова Зарина Хайруллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Ганҷавӣ 392 (собиқ Ломоносово), ки дар нотариуси калони Идораи нотариалии н. Сино ба расмият даровардa шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1034660 ба номи Файзуллоев Ҷалолидин Сафармахмадович, соли хониши 2021-2022, ки аз ҷониби МТМУ №80-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Дӯстии халқҳо, хонаи 7, квартираи 3 ба номи шаҳрванд Рабиева Гулмо Нуралиевна, ки дар асоси шартномаи хариду фурӯш дар Саридораи нотариалӣ таҳти фехрасти 1ш-1506 ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Хакимов Уктамчон Хазраткулович, РЯМ: 0730158275, РМА: 075748275, ки аз 15.01.2018 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Солиев Умедчон Турсуналиевич, РЯМ: 0730219839, РМА: 075573065, ки аз 17.01.2022 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият даровард шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Роҳхати №23/53 ба номи Изатуллоев Зикрулло Ибодуллоевич, ки соли 2023 аз ҷониби Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе ба МДТ "Литсейи касбии техникии сохтмони ш. Душанбе" дода шудааст, эътибор надорад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти фехрасти 6Д-1961 аз 18.07.2000, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Мирмадов Раҷабалӣ бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/1 ҳ. 27 ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият таҳти фехрасти 3ДШ-93 аз 17.03.2014, ки дар Нотариуси давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Муҳитдинова Мунира Мурадилоевна бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ. Ҷимтеппа, деҳаи Обчакорон ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми хонаи истиқоматӣ таҳти фехрасти 1Ш-387, ки аз 28.02.2018 дар Нотариуси давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Раҷабова Ҷумагул Имомовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Крупская 2, хонаи 112 ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти фехрасти 1Ш-478, ки аз 23.05.2017 дар Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Қаҳоров Фатҳулло Зайнуллоевич бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Озодии занон, хонаи 78 ба расмият даровард шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт таҳти рақами ВК0007602 ба номи Ходжамов Алидод Мавлододович бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## Зодрӯз муборак!

Мухтарам Аброров Нарзулло! Бо камоли эҳтиром шуморо бо ҷашни зодрӯзатон табрик мегӯем. Бигзор тамоми орзуҳои неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшанд.



**Аҳли кормандони Раёсати таълими ДМТ**

## С днём рождения!

Любимый наш Мухаммадрасул! Поздравляем тебя с 7-летием, желаем тебе быть всегда самым счастливым, здоровым, любимым и везучим.



**От имени всех родных**

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Programme Specialist - Governance (Job ID: 13108/FTA-NOC); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 31 August 2023 NY time (or 1 September 2023, 08:59 AM TJK time)**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | 9 | | | 8 | 2 | | | 6 |
| | | 5 | | | | | | 4 |
| | 1 | | 7 | | 9 | | | |
| | 4 | | 6 | | | 2 | | |
| 9 | | | | | 7 | | 4 | |
| 3 | | | 8 | | | 7 | 1 | 5 |
| 5 | | 6 | | | | | 2 | |
| 2 | | | 4 | | 5 | 3 | 8 | |
| | | 9 | 3 | | 1 | 5 | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | | 7 | 4 | | | 6 | 9 | 3 |
| | 3 | | | | | 7 | | |
| | 1 | | 8 | | | | | |
| | | 6 | | | | | | |
| 2 | | | | | 9 | 1 | | 8 |
| 3 | | | 7 | | | | 5 | |
| | | | | 4 | 8 | | | 9 |
| | | | 3 | | | | 1 | 5 |
| 9 | | | 5 | 1 | | | | 2 |



5 фарқиятро ёбед

## Лабиринт



## Сканворд



### Корро ёд кардам

Субҳи рӯзи душанбе роҳбар аз кормандаш мепурсад:
- Чаро чашмонат сурханд. Ба фикрам 2 рӯз арақ нӯшидӣ?
Корманд:
- Не! Ман ҷои корро ёд карда, гиря кардам!

### Котибаи бесавод

Сардор котибаи зебоеро таъриф мекунад:
- Офарин, ҳамагӣ 2 ғалат кардаӣ!
Котиба:
- Раҳмат!
Сардор:
- Акнун калимаи дуюмро навис!




### Кабӯтар

Ду дугона бо ҳам вомехӯранд:
- Шунидӣ, Рустаму Фарангис издивоҷ кардаанд?
Дугонааш мегӯяд:
- Ҳа шунидам, ҳозир зиндагияшон чӣ хел бошад?
Дугона дар ҷавоб:
- Мисли ҷуфти кабӯтарон, як рӯз Рустам аз тиреза мепараду рӯзи дигар Фарангис!

### Пулчинак

Дар автобуси пуродам мусофирон якдигарро тела додаву мунoқиша мекунанд. Баногаҳ аз миёнаи автобус садое баланд мешавад:
- Ҳамон аблаҳеро, ки ҳамаро тела медиҳад, аз автобус дафъ кунед!
Дар ҷавоб боз садо баланд мегардад:
- Ман аблаҳ нестам, ман пулчинаки мусофирбарам.

### Бе бригадир

Ба як иншооти сохтмонӣ тафтишгарон омада, аз коргарон мепурсанд:
- Дар ин сохтмон чанд кас кор мекунанд?
Як коргари сохтмон мегӯяд:
- Якҷоя бо бригадир понздаҳ нафар.
Тафтишгарон мепурсанд:
- Бе бригадир чанд нафар кор мекунед?
Коргар:
- Бе бригадир дар ин ҷо касе кор намекунад.

### Ниқоб

Аз занбӯрпарваре мепурсанд:
- Чаро вақти ҷамъоварии асал ба сари худ халта мекашед?
Занбӯрпарвар мегӯяд:
- Агар баъдан занбӯрҳо маро шиносанд, ҳолам бад мешавад.

### Нигоҳи бад

Котиба аз шеф мепурсад:
- Азизам, чаро занат ба ман бад-бад нигоҳ мекунад?
Шеф дар ҷавоб:
- Барои он ки замоне худаш ҳам котибаи ман буд!

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## Сканворд






### Хушдоманҳо аз чунин келин метарсанд...

Аз Насиба Назарзода, рассоми шинохта ва корманди маҷаллаи «Хорпуштак», ки маҳз бо нақшу нигори ӯ китобҳои «Биё, ки фолат бинам» ва «Ашкҳои зери борон» рӯйи чоп омаданд, пурсидам:
- Оиладорӣ?
Гуфт:
- Ҳанӯз на!
- Магар ҷавонони имрӯза кӯранд, ки чунин бонуи зеборо намебинанд?,- гуфтам бо тааҷҷуб.
- Шояд,- гуфт бо табассуми зебое.
Гуфтам:
- Шояд айб дар ҷавонҳо не, дар хушдоманҳо бошад?
- Чӣ хел?,- ҳайрон шуда пурсид.
- Охир, хушдоманҳо аз чунин келин метарсанд,- гуфтам дар ҷавоб.
- Чаро бояд аз чунин келин тарсанд?,- боз ҳам дар тааҷҷуб афтода, пурсид.
Хандидаму гуфтам:
- О, кадом хушдоман меxоҳад, ки фардо баъди баҳсе бо келин аксаш дар саҳифаи «Хорпуштак» барояд?

### Хоби хирсона

Насиба Назарзодаро бо фарорасии баҳору Наврӯз табрик кардам. Ӯ танҳо баъди чанд рӯзи гузаштани ид ба табрикотам посух дода, гуфт:
- Бахшиш, ки мо нав аз хоби зимистона бедор шудем.
- Магар соли шумо Хирс аст, ки то баҳор хоб мекунед?,- пурсидам бо шӯхӣ.
- Солам хирс не, лекин мисли хирсҳо хобдӯстдорам да, хоби хирсона меравам.

### Ман ҳанӯз бас накардаам

Аз Душанбе ба деҳа рафтам. Дар маъракае ширкат карда, дар ҳолати ширакайф ба хона омадам. Ҳолати маро бобои Муртазо мушоҳида карда, гуфтанд:
- Холиқназар, калон шудӣ, арақхӯриро бас кун!
- Падарам дар чандсолагӣ бас карда бошанд, ман ҳам дар ҳамон сол бас мекунам,- гуфтам хандида.
Бобои Муртазо аз падарам, ки дар бистари беморӣ буданд, пурсиданд:
- Маҳмадназар, ту дар чандсолагиат бас кардӣ?
Падарам табассум карда, гуфтанд:
- Ман ҳоло бас накардаам.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**